Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ
## 6 ноябри 2013

**Миссияи САҲА/ДИДҲБ оид ба назорати интихобот**
**Гузориши ниҳоӣ**

Варшава
05 феврали 2014

**Мундарича**


**I. МУҚАДДИМА ... 1**

**II. ШИНОСОӢ ВА СИПОСГУЗОРИҲО ... 4**

**III. ПЕШГУФТОР ВА ШАРОИТИ СИЁСӢ ... 4**

**III. НИЗОМИ ИНТИХОБОТӢ ... 6**

**IV. ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ ... 6**

**V. ГУЗАРОНДАНИ ИНТИХОБОТ ... 7**

**VI. ҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН ... 10**

**VII. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДОН ... 12**

**VIII. МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ ... 14**

**IX. МАБЛАҒГУЗОРИИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ ... 16**

**X. ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА ... 17**

A. Заминаи ҲуқукӢ ... 17
B. Вазъи Васоити Ахбори Омма ... 18
C. Тавзеҳоти Маъракаи ИнтихоботӢ ... 19

**XI. ИШТИРОКИ АҚҚАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ... 20**

**XII. НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ... 21**

**XIII. АРЗУ ШИКОЯТҲО ... 22**

**XIV. РӮЗИ ИНТИХОБОТ ... 24**

A. КушодашавӢ ва ОвоздиҳӢ ... 24
B. Ҳисоби Овозҳо ... 25
C. НатиҷабарорӢ ва Эълони натиҷаҳо ... 26

**XV. ТАВСИЯҲО ... 27**

A. Тавсияҳои Аввалиндараҷа ... 27
B. Тавсияҳои Дигар ... 28

**ЗАМИМА: НАТИҶАҲОИ НИҲОӢ ... 32**

**ДАР БОРАИ САҲА/ДИДҲБ ... 33**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ**
**6 ноябри 2013**

**Гузориши ниҳоии Миссияи САҲА/ДИДҲБ оид ба назорати интихобот[1]**

# I. МУҚАДДИМА

Тибқи даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА (САҲА/ДИДҲБ) дар санаи 6 ноябри 2013 Миссияи Нозирони Интихоботро (МНИ) барои интихоботи президентӣ сафарбар намуд. МНИ САҲА/ДИДҲБ мутобиқати раванди интихоботро бо ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмилаллии роҷеъ ба интихоботҳои демократӣ, инчунин бо қонунгузориҳои миллӣ мавриди арзёбӣ қарор дод. Дар рӯзи интихобот, МНИ САҲА/ДИДҲБ фаъолияти худро бо ҳайати нозирони Ассамблеяи Парлумонии САҲА ва Парлумони Аврупоӣ ҳамҷоя ба роҳ монд.

Мувофиқи Гузориши Миёндаврӣ оид ба хулосаҳои аввалин, ки 7 ноябри 2013 интишор гардид, "интихобот дар Тоҷикистон тинҷу ором баргузор гардид, аммо талаботҳои маҳдудкунанда дар бораи бақайдгирии номзадон ба набудани интихоби васеъ ва гуногунфикрии пурмазмун оварда расонданд. Маъракаи интихоботи қолабӣ буда, имконияти раъйдиҳандагонро барои қарори воқифона намудан маҳдуд намуд. Пахши васеву мусбии фаъолиятҳои расмии Президенти феълӣ тавассути расонаҳои хабарии давлатӣ ба ӯ авзалияти бештарро фароҳам овард. Бо иқдоми неки худ, Коммиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият ва самаранокӣ дар идоракунии интихобот ҷораҳои зарурӣ андешид. Дар рӯзи интихобот норасоиҳои зиёд ба назар расиданд, аз ҷумла шумораи зиёди овоздиҳӣ ба ҷои дигар нафар, овоздиҳии гурӯҳӣ, инчунин нишонаҳои ғайриқонунӣ партофтани варақаҳо ба қуттиҳои овоздиҳӣ".

Интихоботи президентӣ аслан айнан ҳамон заминаи ҳуқуқии интихоботи президентии соли 2006 гузаронда шуд, сарфи назар аз тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ оид ба беҳтаркунии қонунгузорӣ. Камбудиҳои мавҷуда талабоҳои аз меъёр зиёди маҳдудкунандаи номзадӣ ва муқаррароти норавшани ҷабҳаҳои асосии ҷараёни интихобот роҷеъ ба бақайдгирии овоздиҳандагон, маъракагузаронӣ ва проседураҳои рӯзи интихобот иборат мебошанд. Маҳдудиятҳои номбаршуда дар хусуси озодӣ ба сухан ба интихобогтҳои демократӣ мусоидаткунанда намебошанд. Чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ беҳбудии назаррасро тақозо менамояд, то ки он барои гузарондани интихоботҳои демократӣ заминаи солим барпо намояд.

КМИР чорабиниҳои кушодро ба таври мунтазам бо мақсади таъмини шаффофият дар ҷараёни интихобот барпо намуд. Аъзоёни КМИР фаъолона масоили дахлдорро шарикона мавриди муҳокима қарор доданд. Бо иқдомҳои мусбии худ, КМИР як қатор дастурамалҳои вобаста ба интихоботро пеш аз мӯҳлат қабул намуданд. Ба ин нигоҳ накарда, проседураҳои зарурӣ бо танзими кофӣ боқӣ монда, ба тадбиқи таҷрибаи номувофиқ дар сатҳҳои поёнии комиссияҳо оварда расонд. Ҳангоме ки тамоми ҳизбҳои сиёсии бақайдгирифташуда дар КМИР намояндагони худро доранд, ҳеҷ гуна муқаррароте барои намояндагии мутаносиб дар коммиссияҳои интихоботии сатҳи поёнӣ вуҷуд надорад, ки ба шаффофият таконе

1 Шакли англисии гузориши мазкур санади расмӣ ба ҳисоб меравад. Тарҷумаи ғайрирасмии он ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрас мебошанд.

бахшад. Дар қадами нахустин, КМИР ба тамоми Коммиссияҳои участкавии интихоботӣ (КУИ) супориши овехтани нусхаи протоколҳои марбут ба натиҷаҳоро барои шиносоии омма дод, ки он қисман тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ-ро мавриди тадбиқ қарор додааст.

Набудани феҳристи марказонидаи овоздиҳандагон садди роҳи тафтиши дутарафи умумимиллиро ҷиҳати такроран ворид намудан дар рӯйхатҳои овоздиҳандагон гирифта, ҷараёни мазкур барои мукаммалии қайдгирии овоздиҳандагонро шароит фароҳам наовард. КУИ тавассути кӯшишҳои фаъоли худ санҷиши рӯйхатҳои интихобкунандагонро тавассути хона ба хона гаштан ба роҳ монданд. Лекин ҷараёни тафтиш бо сабаби вуҷуд надоштани дастури возеҳу равшан мувофиқат намекард. Аз рӯи иттилои КМИР, бо тамомшавии овоздиҳӣ 4,201,156 овоздиҳанда дар рӯйхатҳои интихобкуннадагон дохил карда шуданд, ки он бараъло ба миқдори 4.40 фоиз нисбат ба шумораи дар вакти эълон намудани интихобот зиёд мебошад.

Барои интихобот шаш номзад ба қайд гирифта шуданд, аз ҷумла Президенти кунунӣ. Қонун худпешбарии номзадҳои мустақилро иҷозат намедиҳад, ки ин мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА мебошад. Яке аз номзадҳое, ки барои ба даст овардани теъдоди зарурии имзоҳои тарафдорон муваффақ нашуд, чунин изҳор намуд, ки ӯ дар рафти ҷамъоварии имзоҳо ба монеаҳои маъмурӣ рӯ ба рӯ гашта, баъзе аз овоздиҳандагон аз тарси мавриди таъқиби ҳукумат қарор гирифтан барои дастгирӣ намудани номзадии ӯ имзо нагузоштаанд. Яке аз номзадҳое, ки барои ба даст овардани теъдоди зарурии имзоҳои тарафдорон муваффақ нашуд, дар рафти ҷамъоварии имзоҳо ба монеаҳои маъмурӣ рӯ ба рӯ гашта, чунин изҳор намуд, ки баъзе аз овоздиҳандагон аз тарси мавриди таъқиби ҳукумат қарор гирифтан барои дастгирӣ намудан ба номзадии ӯ имзо нагузоштанд. Талаботи аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ тасдиқ гардидани варақаҳои имзоҳои тарафдорони пешбаршавандагон ҳуқуқи ба тарафдории номзади дилхоҳашон имзо кардан шаҳрвандоне, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд, комилан аз байн бурд. Талаботҳои маҳдудкунандаи номзадҳо, шумораи беасос баланди имзоҳо тарафдорон ва инчунин монеаҳои марбут ба раванди ҷамъоварии имзоҳо монеаҳои зиёдеро ба миён овард, ки ин мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалии вобаста ба интихоботҳои демократӣ мебошад.

Маъракаи пешазинтихоботӣ хеле ноайён буда, диққати начандон зиёдеро ба худ қалб намуд, сарфи назар аз он, мақомотҳо дахлдор кушишҳое зиёдеро баҳри баланд бардоштани сатҳи воқифнокии омма ба харҷ доданд. Президенти феълӣ ташрифҳои баръало пахшгардидаи худро саросари кишвар анҷом дод. Мақомот механизми ҳифзкунандаеро барои пешгирӣ намудани суистеъмоли захираҳои маъмурӣ ва тафовут байни давлат ва ҳизби сиёсии ҳоким дар аксари вақт норавшан буд, ки ин бархилофи Моддаи 5.4-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 дониста мешавад. Аксарияти номзадон фикрҳои мухолифи Президенти кунуниро изҳор нанамуданд. Дар умум, маъракаи интихоботӣ қолабӣ гузашта, бахси сиёсиро ба вуҷуд наовард, ки он барои муҳити рақобатноки маърака, ки дар он ба овоздиҳандагон интихоби васеъ фароҳам оварда мешавад, муҳим мебошад.

Тибқи талаботи қонун, воситаҳои давлатии радио ва телевизион ба номзадон барои пахшу паҳни ахбороти марбут ба маърака вақтҳои баробарро ҷудо намуданд. Ба ин нигоҳ накарда, пахши васеъ ва мусбии фаъолиятҳои расмии Президенти кунунӣ тавассути васоити давлатии радио ва телевизион ба ӯ афзалияти бештарро фароҳам овард, ки ин бархилофи Моддаи 7.6-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 мебошад. Муносибати ғаразнок ба нафъи Президенти феълӣ дар васоити ахбори оммаи давлатӣ ва норасоии умумии андешаҳои мухталиф дар авсоити ахбори оммаи ғайридавлатӣ ва сомонаи интернетӣ масъалаи гуногунии умумии фикру ақидаҳои барои интихоби воқифона дастраси буданро барои

раъйдиҳандагон ба миён овард, ки он дар номутобиқи бо Моддаи 7.8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 қарор дорад.

Низоми ҳаллу фасли баҳсҳои интихобот хеле носанҷида боқӣ монд, ин ҳам бошад бо сабаби кам будани миқдори арзу шикоятҳои расмист, ки ба коммиссияҳои интихобот ва судяҳо ворид гаштанд. Ҷораҷӯӣ барои вайрон намудани ҳуқуқҳои интихобот маҷмуан дар қонун пешбинӣ гардидааст, бо вуҷуди ин мусоҳибони МНИ-и САҲА ДИДҲБ аз набудани эътимод ба самаранокии низоми мавҷуда изҳори ақида намуданд. Аз миқдори камшумори арзу шикоятҳо, ҳамаашон аз ҷониби судяҳо дар сатҳи проседурӣ бекор карда шуданд.

Дар байни номзадони ба мақоми президентӣ ягон зане набуд, гарчанде ки миёни пешбаришудагон як зан буд. Намояндагии занон дар КМИР ва Коммиссияҳои участкавии интихобот (КУИ) хеле ночиз буд. Ҳангоме ки занон зиёда аз сеяки КУИ-и дар рӯзи интихобот назоратшударо намояндагӣ мекарданд, таҳти роҳбарии онҳо камтар аз 20 фоизи он коммиссияҳо қарор доштанд.

Масоили аққалиятҳои миллӣ ва муносибатҳои ҳалқиятҳои гуногун дар давраи маъракаи интихобот ба миён наомаданд. Иштироки халқиятҳои гуногун дар ҳайати коммиссияҳои интихоботи сатҳи поёнӣ аслан ба шумораи халқиятҳои ноҳияҳои дахлдор ба таври мутаносиб қарор доштанд. Варақаҳои раъйдиҳӣ бо назардошти забонҳои аққалиятҳои миллӣ ба чоп расиданд, модоме ки маводҳои иттилоотӣ барои овоздиҳандагон ва пахшҳои радиоиву телевизионӣ аслан бо забонҳои аққалитҳои миллӣ мавҷуд нестанд.

Агарчӣ мақомот бо омодагӣ нозирони бақналмиллалӣ ва намояндагони номзадонро қабул намуданд, лекин заминаи ҳуқуқӣ шаҳрвандони назораткунандаи бетарафро пешбинӣ накардааст, ки ин ба пуррагӣ ба Моддаи 8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 мебошад мутобиқат намекунад.

Рӯзи интихобот бо тинҷиву оромӣ паси сар шуда, ҳеҷ гуна рӯйдоде ба қайд гирифта нашуд. Нозирон ҷараёни овоздиҳиро дар 14 фоиз участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда бинобар сабаби ҷой доштани амалҳои ғайримуқаррарӣ манфӣ арзёбӣ менамоянд, масалан овоздиҳи ба ҷои дигар шахс, овоздиҳӣ бе пешниҳоди санади мушаххаскунандаи шахсият, овоздиҳии гурӯҳӣ, инчунин нишонаҳои ғайриқонунӣ партофтани варақаҳо ба қуттиҳои овоздиҳӣ. Дар ҳашт фоизи ҳолатҳои назоратшуда, ашхоси берун аз аъзоёни КУИ рафти кори коммиссияҳоро роҳнамоӣ ё дахолат мекарданд. Ҳисоби овозҳо дар анқариби нисфи участкаҳои интихоботии назоратшуда ба таври манфӣ арзёбӣ мегардад, ки ин қисман бо сабаби риоя нагардидани проседураҳои оддии ҷамъбасткунӣ мебошад. Қариб дар нисфи участкаҳои интихоботии назоратшуда, КУИ протоколҳои натиҷаҳоро барои шиносоии омма тибқи талаботи КМИР пешкаш накарданд.

Дар ҷараёни натиҷабарорӣ дастуру қоидаҳои муфассал ҷиҳати расондани маводҳои марбути интихобот ва кор карда баромадани протоколҳои КУИ оид ба натиҷаҳо дар КҲИ норасоӣ доштанд ва он дар 16 фоизи ҳолатҳои назоратӣ ба таври манфӣ баҳогузорӣ мегардад. Чӣ тавре ки нозирон қайд намуданд, дар аксари мавридҳо протоколи КУИ куллан дар КҲИ пур карда шуданд. КМИР натиҷаҳои ниҳоиро дар таърихи 13 ноябр эълон дошт, вале аз тафсилоти бештар оид ба натиҷаҳои интихобот аз рӯи ноҳия ё участкаи интихоботӣ иттилоот пешкаш накард.

Дар гузориши мазкур як қатор тавсияҳое пешкаш мегарданд, ки ба риворҷи кӯшишу фаъолиятҳои куллан мутобиқ овардани интихобот ба ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалӣ оид ба интихоботи демократӣ равона мебошанд. САҲА/ДИДҲБ

омодагии хешро барои дастгирии мақомот ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон баҳри беҳтар кардани чораёни интихобот ва татбиқи тавсияҳои дар гузориши мазкур ва қаблӣ дарҷгардида изҳор менамояд.

## II. ШИНОСОӢ ВА СИПОСГУЗОРИҲО

Тибқи даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА (САҲА/ДИДҲБ) дар санаи 2 октябри 2013 Миссияи Нозирони Интихоботро (МНИ) барои интихоботи президентии 6 ноябри 2013 сафарбар намуд. МНИ таҳти роҳбарии сафир Параскива Бадеску аз 13 нафараи ҳайати асосӣ дар ш.Душанбе ва 16 нафар нозирони дарозмуддат, ки дар тамоми манотиқи кишвар сафарбар шудаанд, иборат аст. Аъзоёни МНИ аз 22 кишварҳои иштироккунандаи САҲА мебошанд.

Дар рӯзи интихобот, МНИ САҲА/ДИДҲБ фаъолияти худро бо ҳайати Ассамблеяи Парлумонии САҲА (АП САҲА) ва Парлумони Аврупоӣ (ПА) ҳамҷоя ба роҳ монданд. Гордана Чомич аз ҷониби Роҳбари Амалкунандаи САҲА ба ҳайси Ҳамоҳангсози махсус барои роҳнамоӣ намудани миссияи кӯтоҳмуддати САҲА доир ба интихобот таъин гардида буд. Ҳайати АП САҲА аз ҷониби Маргарета Седерфелт ва ПА аз тарафи Элизабет Ҷеггл роҳбарӣ мешуданд.

Дар рӯзи интихобот, 221 нозир аз 37 кишвари дунё сафарбар гардиданд, аз ҷумла 178 нозири дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат аз тарафи САҲА/ДИДҲБ, инчунин 34 аъзоёни парлумон ва кормандони АП САҲА, 9 намояндаи ПА. Проседураи кушодашавӣ дар 82 участкаи интихоботӣ мавриди назорат қарор гирифт. Овоздиҳӣ бошад аз 3,158 участкаи интихоботӣ дар 822-тои он мавриди назорат қарор гирифта, ҳисоби овозҳо дар 81 участкаи интихоботӣ назорат карда шуд. Назорат аз болои чораёни натиҷабарорӣ аз 68 Участкаҳои ҳавзавии интихобот, дар 62-тои он гузаронда шуд.

Мувофиқати интихобот бо ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмилалии марбут ба интихоботҳои демократӣ, инчунин бо қонунгузориҳои миллӣ мавриди баҳогузорӣ қарор гирифт. Гузориши ниҳоии мазкур давоми Гузориши миёндаврӣ оид ба хулосаҳои аввалин аст, ки ҳангоми нишасти матбуотӣ дар шаҳри Душанбе рӯзи 7 ноябр пешкаш карда шуда буд.[2]

МНИ САҲА/ДИДҲБ арзу сипоси худро ба мақомоти Тоҷикистон барои даъваташон барои назорат намудани интихобот, ба Коммиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) барои ҳамкории он ва таъмини санадҳои аккредитатсия, инчунин ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳо барои дастгирӣ ва ҳамкориашон изҳор менамояд. Он инчунин сипосгузории худро ба намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, васоити ахбори омма, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар мусоҳибон барои изҳори ақидаашон баён менамояд. Ғайр аз он, МНИ САҲА/ДИДҲБ миннадории худро ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон ва ба намояндагиҳои дипломатии Давлатҳои иштироккунандаи САҲА ва созмонҳои байналмиллаӣ барои ҳамкорӣ ва дастгирӣ намуданашон баён менамояд.

## III. ПЕШГУФТОР ВА ШАРОИТИ СИЁСӢ

[2] Барои ҳамаи гузоришҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ дар бораи Тоҷикистон, нигаред ба сомонаи: http://www.osce.org/odihr/elections/tajikistan.

Интихоботи президентии 6 ноябр чорумин интихоботие буд аз давраи интихоботҳои алтернативӣ дар Тоҷикистон аз маротибаи аввалини интихоботи бисёрномзадии соли 1994 баргузор мегардад. Тағйироту иловаҳои ба Сарқонун дар солҳои 1999 ва 2003 воридшуда мӯҳлати вазифаи Президентро аз панҷ то ба ҳафт сол тамдид карда, ба як нафар ҳаққи ду маротиби пай дар пай номзад шуданро иҷозат дод. Дар интихоботи қаблии президентии 6 ноябри 2006 Президенти феълӣ аз Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) бо гирифтани 79.3 фоизи овозҳо ғолиб гардид.

Тоҷикистон дорои низоми сахти президентӣ мебошад, ки дар он дастгоҳи иҷроия соҳиби салоҳияти васеи марбут ба парлумон мебошад. Дар қатори маъсулиятҳои гуногун, президент сарвазир ва дигар вазирон, инчунин мақомоти иҷроияро дар сатҳи миллӣ ва вилоятӣ таъин менамояд. Президент раисону муовинони Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии Иқтисодӣ, инчунин Прокурори Генералиро пешбарӣ намуда, барои тасдиқ ба парлумон пешниҳод мекунад.

Мутобиқи интихоботҳои охири парлумонии моҳи феврали 2010, ҲХДТ-и ҳоким, ки таҳти роҳбарии Президенти феълӣ қарор дорад, аз 63 курсии палатаи поёнии парлумон соҳиби 45 курсӣ гардид, ки ин инъикосгари накши муассири худ дар майдони сиёсӣ ба шумор меравад. Дигар зҳизбҳо ин Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ), Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) мебошанд, ки ҳар кадоми он дар парлумон соҳиби ду курсигӣ мебошанд. Курсиҳои боқимондаро аз ҳисоби аъзоёни мустақили парлумон пур гардиданд. Сенздаҳ намояндаи палатаи поёнии парлумон аз ҳисоби занон буда, ҳиссаи онҳо 20.6 фоизро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, ҳашт ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шуда, сетои онҳо дар парлумон намоянда надорад – Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ), Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) ва Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ).

Ба ташаббуси таъсис додани ҳизби нави сиёсӣ, Тоҷикистони Нав, бо ҳабси асосгузори он, собиқ вазири Саноат, Зайд Саидов бо ҷурми даст доштан ба қаллобкории молиявӣ, серзанагӣ, инчунин муносибату алоқаи ҷинсӣ бо духтари ба балоғат нарасида, монеа гаштанд. Дар санаи 6-уми апрел, вақте ташаббуси таъсис додани ҳизби нав эълон карда шуд, ҷаноби Саидов иброз намуд, ки ин ҳизб дар интихоботи президентӣ номзади худро пешбарӣ нахоҳад кард, аммо ният дорад дар интихоботи парлумонии соли 2015 иштирок намояд.[3] Бо гузашти интихобот, дар таърихи 25 декабр, Суди Олӣ ҷаноби Саидовро ба мӯҳлати 26 сол ҳукми зиндонӣ кард.

Дар давоми соли 2013, Президенти кунунӣ якчанд маротиба эълом дошт, ки интихобот ба таври "демократӣ, озод ва одилона" баргузор хоҳад шуд. Мақомот ҳамчунин аз аҳамияти чараёни тинҷу ороми интихоботиро дар доираи душвориҳои амниятии минтақавӣ ва фирори Қувваҳои Байналмиллалии Кӯмаки Амниятиро аз Афғонистон дар соли 2014 хотиррасон намуданд.[4]

---

3 Кумитаи ҳуқуқи башари СММ нигарони худро тавассути гузоришҳои зуроварӣ аз болои лидерони сиёсии мухолифин, ки ангензаи сиёсӣ дорад. Нигаред ба Мушоҳидаҳои Хотимавӣ дар гузориши дуюми даврӣ: http://tbinternet.ohchr.org/_layouts/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CCPR%2fC%2fTJK%2fCO%2f2&Lang=en.

4 Аз соли 2010 инҷониб дар Тоҷикистон якчанд ҳодисаҳои амниятиву бехатарӣ рух доданд, аз ҷумла, гурехтани зиндониён аз маҳбаси Душанбе, якумин худкушб тавассути бомбагузорӣ дар мошин дар Хуҷанд, инчунин як қатор руёдодҳои ҷанҷолҳои ярокӣ байни қувваҳои ҳукуматӣ ва силоҳбадастони мухолифин дар Водии Рашд.

## III. НИЗОМИ ИНТИХОБОТӢ

Президент ба таври мустақим тавассути овоздиҳии умумӣ, бо гирифтани аксарияти мутлақи овозҳо ба мӯҳлати ҳафт сол интихоб мешавад. Агар ягон номзад аксарияти мутлақи овозҳоро ба даст наорад, пас овоздиҳии такрорӣ бо иштироки ду номзаде, ки шумораи бештари овозҳоро гирифтаанд, баргузор мегардад. Сарқонун муқаррар менамояд, ки барои боэътибор донистани интихобот, дар овоздиҳӣ бояд беш аз нисфи интихобкунандагони ба қайд гирифташуда иштирок намоянд. Талаботи мазкур метавонад ба давраҳои эҳтимолии интихоботҳои беэътибор, ки бо сабаби шумораи пасти иштирок сар мезананд ва метавонанд боиси таҷрибаҳои хатокоронаро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи иштироки расмӣ гардад, оварда расонад.

*Масалаи аз байн бурдани талаботи вобаста ба сатҳи иштирок барои боэътибор хондани интихоботҳоро метавон мавриди баррасӣ қарор дод. Ин метавонад садди роҳи эҳтимолияти рух додани интихоботҳои беэътиборшудаи аз ҳисоби гардиши нокифоя рухдодаро гирифта, ба татбиқи таҷрибаи хатокоронаи интихоботӣ мусоидат накунад.*

Тибқи қонун ва баръакси тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ, раъйдиҳандагон бояд ба қавле "овози манфӣ" диҳад ва овоздиҳандагон номҳои номзадонеро хат мезананд, ки аз рӯи хоҳиши интихоби онҳо нест, на ин ки мусбан ба ҷонибдории номзади арзандаашон овоз медиҳанд.

## IV. ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ

Заминаи ҳуқуқие, ки интихоботи Президентиро танзим менамояд, аз Сарқонуни ҶТ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Қонун дар бораи интихоботи президент, КИП) ва дигар муқаррароти қонунгузорӣ иборат мебошад[5]. Сарқонун ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан, инчунин озодии иттиҳодияҳо, маҷлисҳо ва баёнро кафолат медиҳад. Бо вуҷуди ин, низоми ҳуқуқӣ беҳбудии зиёдро тақозо менамояд, то ки он заминаи устувореро барои гузаронидани интихоботҳои демократӣ фароҳам биёрад. Дар қонун маҳдудиятҳои аз ҳад зиёде барои ҳуқуқи интихоб шудани номзадон ҷой доранд (ниг ба *Қайдгирии Номзадон*). Бар замми ин, маҳдудиятҳои мавҷуда дар самти озодии сухан барои баргузории интихоботҳои демократӣ муосидаткунандадониста намешаванд[6].

Дар солҳои 2012 ва 2013, ҲНИТ тағйиру иловаҳоеро барои паст намудани фоизи имзоҳои барои дастгирӣ намудани номзади худро аз панҷ фоиз ба ду фоиз пешниҳод намуданд, то ки ба таври баробар ширкати ҳизбҳои сиёсӣ дар тамоми комиссияҳои интихоботӣ таъмин гардад. Пешниҳодҳои мзкур дар сатҳи кумита рад гардида, аз шунидани расмӣ дар парлумон нагузаштанд.

---

5 Аз ҷумла Ҷонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, Қонун дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, чорабиниҳо ва роҳпаймоиҳо, Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма, Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, Кодекси мурофиавӣ барои қонунвайронкуниҳои маъмурӣ, Кодекси шаҳрвандӣ-мурофиавӣ, инчунин Кодекси ҷиноӣ.

6 Моддаи 137 ва 330-и Кодекси ҷиноӣ ҷавобгарии ҷиноиро барои дар назди омма паст задани президент ва ашхоси давлатӣ пешбинӣ менамоянд.

Ҳарчанд КИП баъзе принсипҳои калидиро дар бораи интихоботҳои демократӣ дарбар мегирад[7], он ба шакли муфассал ҷараёни интихоботиро танзим наменамояд. Мӯҳлати пешбарӣ кардани номзадон, аз ҷумла ҷамъоварии имзоҳо ба дастгирии номзади худ, беасос кӯтоҳ ба шумо рмераванд. Қонун ҷораҳои пешгирикунандаро баҳри ҷилавгирӣ намудани суистеъмоли захираҳои маъмурии дар раванди интихобот пешбинӣ накарда, бетарафӣ, баназаргирӣ, инчунин мустақилияти коммиссияҳои интихоботро таъмин наменамояд, назорати бетарафонаро аз ҷониби нозирони маҳаллӣ пешбинӣ наменамояд. Аксарияти тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ дар сатҳи қонунгузорӣ тадбиқ нагардиданд. Интихоботи мазкур дар доираи айнан ҳамон заминаи ҳуқуқии давраи интихоботи президентии соли 2006 гузаронда шуд[8].

*Заминаи ҳуқуқӣ азназаргузаронии ботафсилро бо мақсади тадбиқи тавсияҳои қаблӣ ва кунунии САҲА/ДИДҲБ баҳри бештар мутобиқ сохтани он бо ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалии марбут ба интихоботҳои демократӣ тақозо менамояд. Метавон масъалаи ҳамаи қонунгузориҳои марбут ба интихоботро дар як кодекси умумӣ ҷой доданро мавриди баррасӣ қарор дод. Ислоҳотҳо бояд ба таври иштироки комилан васеъ ва шаффоф пеш аз вуқӯи интихоботҳои оянда амалӣ карда шаванд.*

Пеш аз интихобот, КМИР дастурамалҳоеро ҷиҳати мукаммал намудани низоми ҳуқуқӣ қабул намуд[9]. Бо вуҷуди ин, гарчанде ки дастуру супоришҳои КМИР баъзе масъалаҳои дахлдорро ҳаллу фасл намуданд, онҳо на ҳамеша қоидаҳои комилан муфассалро оид ба ҷабҳаҳои муҳими мудирияти интихобот пешбинӣ намуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ислоҳот дар низоми ҳуқуқӣ барои гузарондани интихоботҳо зарурӣ мебоошад.

## V. ГУЗАРОНДАНИ ИНТИХОБОТ

Интихоботи президентӣ аз ҷониби системаи комиссияҳои интихоботии сезинагӣ, яъне КМИР, 68 Комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ (КҲИ) ва 3 158 Комиссияҳои участкавии интихоботӣ (КУИ) ташкил ва гузаронда шуд. Илова бар ин, 61 нуқтаи интихобот барои овоздиҳии берун аз марзи кишвар дар 27 давлат таъсис дода шуд.

КМИР мақоми доимоамалкунанда буда, аъзоёни он дар соли 2009 ба мӯҳлати панҷ сол таъйин шудаанд. 15 аъзои КМИР-ро, аз ҷумла раис ва муовини раиси КМИР-ро Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Президент таъйин менамояд. Агарчӣ ҳеҷ гуна муқаррароти қонуние барои намояндагии ҳиизби сиёсӣ дар коммиссияҳои интихоботӣ пешбинӣ нагардидааст, ҳамаи аҳзоби сиёсӣ дар КМИР-и феълӣ намояндагони худро доранд. Ин амал иштироки васеъ ва шаффофро дар ҷараёни интихобот таъмин менамояд. Ба ғайр аз раиси КМИР, дигар аъзоёни боқимонда бемузд кор мекунанд. Дар ҳайати аъзоёни КМИР се нафар зан фаъолият менамоянд, ки як нафарашон Котиби комиссия мебошад[10].

---

7 Масалан, манъи маҳдудиятҳо марбут ба ҳуқуқҳои интихоботӣ ва инчунин баробарӣ дар имкониятҳои маъракагузаронӣ барои ҳамаи номзадон.

8 Бар замми гузоришҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ оид ба интихобот, нигаред ба Арзёбии САҲА/ДИДҲБ 2006 роҷеъ ба Қонун дар бораи интихоботи президент дар сомонаи: http://www.osce.org/odihr/elections/tajikistan/20043.

9 Дастурамалҳои КМИР мукаррароте дар бораи фаъолияти коммиссияҳои сатҳи поёнӣ; баррасии арзу шикоятҳо; иштироки нозирон; нақши номзадон ва ашхоси намояндагони бовариноки онҳо; инчунин дар бораи пахши маъракаи интихоботӣ тавассути ахбори омма пешбинӣ намудааст.

10 Котиби коммиссияро аъзоёни он аз байни худашон интихоб мекунанд.

Коммисияҳои сатҳи поёнӣ барои ҳар як интихобот алоҳида таъин мегарданд. Мутобиқи қонунгузорӣ, КМИР 68 КҲИ-ро баъд аз пешниҳоди мақомоти маҳаллии иҷрои таъин намуд. Гарчанде ки қонун номзадон ва намояндагони бовариноки онҳоро аз хизмат кардан дар коммиссияҳо манъ мекунад, он ҷалби дигар ашхоси дорои мухолифати эҳтимолӣ дар манфиатҳоро, аз ҷумла ашхоси расмии давлатӣ ва маҳаллиро манъ наменамод. Аз рӯи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ, аъзоёни КҲИ собиқаҳои гуногуни корӣ дошта, бештар дар гузашта дар самти идоракунии интихобот кору фаъолият намудаанд. Аксарияти онҳо зертобеи ягон ҳҳизби сиёсие мебошанд, аслан бо ҳизби ҳоким ҲХДТ, аммо ҳеҷ гуна муқаррароте барои кафолати намояндагии баробари ҳизбҳо вуҷуд надорад[11]. Новобаста аз он ки 21 фоизи аъзоёни КҲИ-ро занҳо ташкил медиҳанд, танҳо 5 фоизи онҳо ба ҳайси раисон, муовинони раси, ё котибаҳо фаъолият мекунанд.

Дар мӯҳлати тибқи қонун муқаррашуда, КҲИ 3 158 КУИ-ро бо ҳайати аз 7 то 19 аъзо вобаста ба шумораи овоздиҳандагони дар участкаи дахлдо қайдшуда таъин намуд[12]. Гарчанде ки 39 фоизи аъзоёни КУИ-ро занҳо ташкил медиҳанд, зери роҳбарии онҳо таншо 20 фоизи КУИ қарор доранд[13]. Ба КУИ аз ҷониби КМИР ва маъмурони маҳаллӣ дастгирии логистикӣ пешниҳод карда шуд. Ҳеҷ гуна процедураҳои таъинкунӣ ба аъзогии КУИ дар КИП ва дастурамалҳои КМИР пешбинӣ нашудааст[14]. Дар сеяки КУИ-и дар рӯзи интихобот назоратшуда, зиёда аз нисфи аъзоёни он коммиссияҳо аз ҳамон муассиса ба кор гирифта шуданд, маъмултаринашон ин муаллимони он мактабҳое буданд, ки дар он ҷо участкаҳои интихоботӣ таъсис гардида буданд[15]. Баъзе аз мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳор намуданд, ки коммиссияҳои интихоботии сатҳи поёнӣ аз ҷиҳати бетарафӣ костагӣ доштанд.

*Барои пешбарӣ ва таъин намудани коммиссияҳои интихоботӣ бояд талаботҳои возеҳу равшан муқаррар карда шавад. Қонун бояд кафолати онро диҳад, ки коммиссияҳои интихоботӣ дар ҳақиқат аз ҳукумат новобаста бошанд, ба қадри кофӣ ширкати васеъро таъмин намоянд ва гуногунфикриро бо мақсади ба даст овардани эътимоди калон ба кори худ талқин намоянд. Масъалаи ворид намудани механизмҳоеро, ки иштироки бештари занҳоро дар идоракунии интихобот, аз ҷумла дар нақшҳои ҳалкунанда таъмин менамояд, метавон баррасӣ намуд.*

КМИР ҷаласаҳои кушодро мунтазам барои нозирон, ахбори омма ва намояндагони номзадон баргузор намуданд. Аъзоён масъалаҳои дахлдорро фаъолона ва муштарак муҳокима намуда, тавассути овоздиҳии кушод қарор қабул намуданд. КМИР тамоми мӯҳлатҳои тибқи қонун муқарраршударо риоя карда, бо иқдоми мусбии худ қоидаҳоеро қабул намуд, ки дар асоси онҳо пешакӣ ба ҷабҳаҳои алоҳидаи раванди интихобот равшанӣ андохта шуд. Бо вуҷуди ин, он барои ҷузъҳои муҳими ҷараёни интихобот процедураҳои мушаххасро пешбинӣ накард, ба мисли ҷамъбаст намудани рӯйхатҳои овоздиҳандагон,

---

11 Аъзоёни 29 КУИ (267 нафар) ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, ки онҳо намояндагии ҳизбҳои зерин мебошанд: 43 фоиз аз ҲХДТ, 8.6 фоиз аз ҲКТ, анқариби 6 фоиз аз ҳисоби дигар ҳизбҳои хурд ва 5.6 фоиз ин бетарафон. Аъзоёни боқимондаи вохӯрдашуда додани маълумотро рад намуданд.

12 Як участкаи интихоботӣ метавонад аз 20 то ба 3 000 овоздиҳандаи қайдшударо дарбар гирад.

13 Дар участкаҳои интихоботии дар рӯзи интихобот ташрифовардашуда, ҳиссаи зан-аъзоёни КУИ дар шаҳрҷойҳо 49 фоиз ва дар деҳот 28 фоизро ташкил дод.

14 Таъини аъзоёни КУИ баъд аз мувофиқаи ғайрирасмии байни КҲИ, мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барпо мегардад.

15 Тибқи Моддаи 19.2(j)-и Конвенсияи 2002 ИДМ оид ба меъёрҳои интихоботҳои демократӣ, Ҳуқуқҳо ва озодиҳои интихоботӣ (Конвенсияи ИДМ) "Давлатҳо-тарафҳои Конвенсияи мазкур ӯҳдадоранд, ки … таъсиси сохторҳои мустақил ва бетарафро таъмин намоянд…". Мутобиқи Моддаи 11.4-и Конвенсия ИДМ, Давлатҳо "кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба номзад, ҳизби сиёсӣ (муштаракона) ..... ҳуқуқи таъин намудани [як аъзои коммиссия бо доштани овозу нақши машваратӣ]-ро бо назардошти талаботи муқаррароти қонун .... дар мсқомоти зертобеи интихоботӣ диҳанд".

овоздиҳии пеш аз мӯҳлат ва хона ба хона, нашр ва тақсимоти варақаҳои овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо, пур кардани протоколҳо дар сатҳи КУИ ва КҲИ, инчунин натиҷабарорӣ. Набудани чунин процедураҳо ба номутобиқии корҳои коммиссияҳои сатҳи поёнӣ оварда расонд. Дар таърихи 25 сентябр, КМИР қароре қабул намуд, ки тибқи КУИ бояд протоколҳои натиҷаҳоро барои шиносоии омма овезанд, тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ қисман тадбиқ гарданд. Ба ин нигоҳ накарда, дар қариби нисфи участкаҳои интихоботии шангоми ҳисоб назоратшуда, наитиҷаҳои протокол барои шиносоии омма овехта нашуда буданд (нигаред ба *Рӯзи Интихобот*).

*Механизмҳое, ки тадбиқи ягонаи қонунгузории марбут ба интихоботро таъмин менаоянд, бояд мустаҳкам карда шаванд. Аз рӯи имконият, КМИР бояд ба ҷои дастурамалҳоиноравшан тартибу қоидаҳое қабул намояд, ки муқаррароти қонуниро матраҳ кунанд. Ин бояд қоидаҳои ҷамъбасткунии рӯйхатҳои овоздиҳандагон, нашр ва тақсимоти варақаҳои овоздиҳӣ, маҳкам кардани овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо, пур намудани протоколҳо дар сатҳи КУИ ва КҲИ, инчунин натиҷабарориҳо дар КҲИ ва КМИР-ро дарбар мегирад.*

Аз 22 октябр то 5 ноябр, КУИ овоздиҳии пешакиро барои онҳое гузаронданд, ки дар рӯзи интихобот пайдо набуданд.[16]. Овоздиҳандагон сабаби дархости овоздиҳии пешакии худро бояд хаттӣ дар қисмати алоҳидаи варақаи махсуси барои овоздиҳии пешакӣ истифодашаванда нишон медоданд, ки ин эҳтимолан махфияти овозро зери суол гузорад. Дар варақаҳои барои овоздиҳии пешакӣ пешбинишуда номҳои номзадон оварда нашуда буданд, то ки онҳо тавонанд номзади интихобкардаи худро навсанд[17].

*Масъалаи истифодаи варақаҳои муқарраиро барои овоздиҳии пешакӣ метавон мвриди баррасӣ қарор дод. Ин бошад, ҳамоҳангсозии давраҳои овоздиҳии пешакӣ ва нашри варақаҳои муқарраририро тақозо хоҳад кард.*

Ҳамчун иқдоми нек, КМИР ва КҲИ барномаи омӯзишии умумимиллиеро барои аъзоёни КУИ ҷорӣ науданд. Ба ин нигоҳ накарда, барномаҳои омӯзишӣ ба меъёрҳои даркорӣ ҷавобгӯ набуда, ҷузъҳои муҳими ҷараёни рӯзи интихоботро дарбар нагирифтанд, аз ҷумла идоракунии рӯйхатҳои овоздиҳандагон, ҷилавгирӣ аз овоздиҳӣ ба ҷои шахси дигар, инчунин ҳисоби овозҳо (нигаред ба *Рӯзи интихобот*).

Қабл аз ин интихоботҳо, КМИР сомонаи худро таъсис дода, тавассути он қисмн тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ-ро дар амал тадбиқ намуд. Аммо сомонаи мазкур мавриди истифодаи маҳдуди амалӣ қарор гирифт, чунки иттилоот аслан дар сомона дар шакли эълони матбуотӣ (пресс-релиз), на дар шакли қарорҳои расмӣ овехта мешавад ва инчунин ҳеҷ гуна бойгоние низ мавриди танзим қарор дорад[18].

*Баҳри баланд бардоштани шаффофият, ҳамаи қарорҳои КМИР ва дигар иттилооти муҳими марбут ба интихоботро метавон дар сомонаи КМИР ҷой кард.*

---

16 Овоздиҳии пешакӣ кам истифода бурда шуд. Аз шумораи назоратшудагон, 0.8 фоизи варақаҳои овоздодашударо варақаҳои овоздиҳии пешакӣ ташкил намуданд. Дар маҷмӯъ, КМИР ягон иттилооте дар бораи овоздиҳии пешакӣ ё механизмҳои алтернативии овоздиҳӣ пешниҳод накард.

17 Ҳарчанд барои Тоҷикистон ҳатмӣ нест, яке аз таҷрибаҳои хуби интихоботӣ дар ин ҷода дар Ҷузъи 3.2.1-и Кодекси Коммиссияи Венетсия 2002 оид ба Таҷрибаи хуб дар масоили интихоботӣ, ки тибқи тавсияи он, "озодии овоздиҳандагон барои баёни хоҳиши худ" онро тақозо мекунад, ки ба овоздиҳандагон "варақаҳо бо нишондоди номҳои номзадон дода шавад".

18 Сомонаи КМИР чунин мебошад: www.kmir.tj.

# VI. ҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН

Ҳамаи шаҳрвандони аз сини 18-сола боло ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, ба истисноӣ онҳое, ки бо ҳукми суд аз озодӣ маҳруманд ё ғайри қобили амал эълом шудаанд. Гарчанде ки овоздиҳандагоне, ки рӯзи интихобот дар муассисаҳои ислоҳии дар давраи пеш аз ҳукми судӣ қарор доранд, ҳуқуқи овоз доданро доранд, бе чуну чаро маҳрумсозӣ аз ҳуқуқи овоздиҳӣ ин мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалии марбут ба интихоботҳои демократӣ ба ҳисоб меравад[19].

Бақайдгирии овоздиҳандагон ғайрифаъол буда, дар сатҳи маҳаллӣ бе вуҷуди феҳристи марказии овоздиҳинадгон идора карда мешавад. Шаҳрвандон ба рӯйхатҳои овоздиҳандагон аз рӯи ҷои истиқомати доимӣ ё муваққатиашон ба қайд гирифта мешаванд. Ҳар як КУИ рӯйхати овоздиҳандагонро аксари вақт бо навишти дастӣ ва дар асоси иттилооти аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ пешниҳодгашта ҷамъовард карда мешаванд. Мувофиқи дастурамалҳои КМИР, КУИ метавонанд инчунин намояндагони ҷомеаи маҳаллиро дар ҷамъоварии рӯйхатҳои овоздиҳандагон ҷалб намоянд.

31 август, КМИР эълом дошт, ки шумораи тақрибии овоздиҳандагон 4 024 914-ро ташкил медиҳад. Дар санаи 13 ноябр, КМИР эълом намуд, ки то ба охири овоздиҳӣ 4 201 156 овоздиҳанда ба рӯйхатҳои овоздиҳандагон ворид карда шуданд, лекин юба ин нигоҳ накарда, ин нишондод дар сатҳи КҲИ ва КУИ мавҷуд набуд. Афзоиши умумии 176 242 овоздиҳанда (4.4 фоизи эълони ибтидоӣ) шумораи назаррас буда, дар раванди бақайдгирии овоздиҳандагон душвориҳоии системавиро ба миён меорад.

Шумораи калони овоздиҳандагон берун аз ватан иқомат доранд, агарчӣ тахминҳои мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ оид ба шумораи умумӣ тафовути калон доранд. Дар санаи 14 октябр, КМИР эълом дошт, ки анқарибӣ 700 000 овоздиҳандагон дар хориҷи кишвар қарор доштанд, алалхусус дар Федератсияи Русия, баъзе аз онҳо барои рӯзи интихобот ба Тоҷикистон баргашта метавонистанд[20]. Тибқи натиҷаҳои ниҳоии интихобот, 159 657 раъйдиҳанда барои дар рӯзи интихобот овоз додан дар участкаҳои интихоботӣ воқеъ дар хориҷи кишвар ба қайд гирифта шуданд. Якчанд мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳори ташвиши худро нисбат ба дақиқии низоми бақайдгирии овоздиҳандагон баён намуда, қайд намуданд, ки аз сатҳи участка болотар иттилои маҷмӯӣ вуҷуд надорад ва шаҳрвандони Тоҷикистон, ки берун аз ватан зиндагӣ мекунанд, на ҳамеша мақоми худро дар мақомотҳои дахлдор ба қайд мегиранд.

Вуҷуд надоштани феҳристи марказии бақайдгирии овоздиҳандагон пеши роҳи ҳар гуна тафтиши дуҷонибаро барои имконияти такроран ворид намудани овоздиҳандагон ба рӯйхатҳо чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи он гирифт. Тадбиқи усули номувофиқ дар ҷамъбасти рӯйхатҳои овоздиҳандагон низ эътимод ба рӯйхати овоздиҳандагонро гум карда, тафтиши онро ки оё раъйдиҳандагони хориҷи кишвар аз рӯйхати овоздиҳандагон берун

---

19 Мутобиқи Қисми 7.3-и Санади Копенҳагени САҲА 1990, Давлатҳои иштироккунанда "ба шаҳрвандони болиғ ҳуқуқи баробару ҳаматарафаи овоздиҳиро кафолат медиҳад" ва тибқи Моддаи 24 маҳдудият ба ҳуқуқҳо ва озодиҳо бояд "қатъиян дар доираи мақсадҳои қонун бошад". Инчунин нигаред ба Моддаи 14-и Тавзеҳоти умумии 1996 таҳти рақами №25-и Моддаи 25-и Созишномаи Байналхалқӣ оид ба Ҳуқуҳои Шаҳрвандӣ ва Сиёсӣ (СБҲШС), ки чунин пешбинӣ мекунад: "агар барои ҷинояте гунаҳкор донистани сабаби аз ҳуқуқи овоздиҳӣ маҳрум кардан бошад, пас давраи чунин маҳрумсозӣ бояд дар доираи ҷиноятон ва ҳукми он бошад".

20 Аз рӯи ҳисоботи мақомоти Федератсияи Русия, ба санаи моҳи ноябри 2013 1,018,951 шаҳрвандони Тоҷикистон, ки синну солашон аз 18 боло аст, дар ҳудуди он қарор доштанд. Нигаред ба: www.fms.gov.ru/about/statistics/data/details/54891/.

монданд ё не миконнопазир намуд *(нигаред ба Рӯзи интихобот)*[21]. Чӣ хеле ки КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар дод, он бинобар сабаби надоштани захираҳои молиявӣ имконияти амалӣ сохтани тавсияи қаблии САҲА/ДИДҲБ-ро роҷеъ ба таъсис додани феҳристи ягонаи овоздиҳандагон надорад.

Тибқи талаботи қонун, овоздиҳандагон бояд танҳо дар як рӯйхати раъйдиҳандагон қарор дошта бошанд. КУИ кӯшишҳое зиёдеро ба харҷ доданд, то ки дақиқ будани рӯйхатҳои раъйдиҳандагонро тавассути гузарондани тафтиши хона ба хона бисанҷанд, вале бо вуҷуди ин ҷараёни санҷиш бо сабаби набудани дастурҳои возеҳу равшан ба таври гуногун сурат гирифт[22]. Аз рӯи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ, дар баъзе ҳолатҳо КУИ муҳоҷирони меҳнатӣ, ашхоси бори нахуст овоздиҳанда, инчунин овоздиҳандагони хонашинро аз рӯйхати асосӣ хориҷ намуда, рӯйхатҳои алоҳидаи ғайрирасмиеро барои чунин гурӯҳи овоздиҳандагон тартиб доданд[23]. Шояд масъалаи мукаммалӣ дар рӯйхатҳои овоздиҳандагон низ аз ҳисоби ҷой доштани муқаррароти хилофатдошта дар дастурамалҳои КМИР барои КУИ зери таъсир монд, ин хам бошад вобаста ба мушахасскунии овоздиҳанда ва ҷараёни мураттаб соҳтани рӯйхатҳои овоздиҳандагон[24].

*Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дақиқӣ ва мукаммалии қайди овоздиҳандагон бо мақсади пуштибонӣ аз баробарӣ дар ҳуқуқҳои интихоботӣ баланд бардошта шавад. Бо мақсади возеҳу равшан муайян намудани он, ки кадом ҳуҷҷатҳои мушаххаскунанда барои дар рӯйхати овоздиҳандагон ворид кардан боэътибор дониста шаванд, процедураҳо бояд таҷдид гарданд. Овоздиҳандагони қобили қабул набояд аз рӯйхатҳои овоздиҳандагон бе ягон талаботи махсуси қонунӣ хориҷ карда шаванд ё алоҳида нишон дода шаванд.*

*Феҳристи марказонидашудаи овоздиҳандагонро метавон таҳия намуд ва онро мунтазам таҷдид намуда, то ки ба санҷиши дутарафа имкон дода, норасоиҳоро ба мисли ворид намудани чандкарата пешгирӣ намояд.*

Рӯйхатҳои овоздиҳандагонро дар КУИ 15 рӯз пеш аз рӯзи интихобот мавриди назари омма қарор доданд[25]. Аз ин пас то охири рӯзи интихобот, овоздиҳандагони аз рӯйхатҳои асосии овоздиҳандагон берун монда, аз ҷониби КУИ ба рӯйхатҳои иловагии овоздиҳандагон дар асоси шиноснома ё дигар санади мушаххаскунанда дохил карда шуданд[26].

---

21 КУИ дар КҲИ-и 45, 48, 49, 50, 62 ва 65 дар рӯйхатҳои асосии овоздиҳандагон нафарони дар хориҷи кишвар бударо дохил намуданд, вале КУИ дар КҲИ-и 20, 23, 35, 36, 51, 56, 58 ва 60 онҳоро аз рӯйхатҳои асосии овоздиҳандагон истисно намуда, барои муҳоҷирони меҳнатӣ рӯйхатҳои ғайрирасмӣ тартиб доданд.

22 Мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ нишон доданд, ки аксарият КУИ дар КҲИ-и 6, 9, 10, 11, 12, 13, 16, 53 ва 55 барои дохил намудан ба рӯйхатҳои овоздиҳандагон ҳуҷҷатҳои мушаххаскунандарои дархост намуданд, вале баъзе КУИ дар КҲИ-и 18, 48, 56 ва 62 ба маълумоти аз тарафи аъзоёни оила гирифташуда такя намуданд.

23 Дар КҲИ-и 23, 35, 36, 51, 56, 58, 60 ва 67.

24 Моддаи 47-и дастурамалҳои КМИР нисбат ба КУИ чунин пешбинӣ менамояд, ки овоздиҳандагонро метавон ба ба рӯйхати иловагии овоздиҳандагон бо пешниҳоди шаҳодатномаи кор, иҷозатномаи ронандагӣ ё шаҳодатномаҳои хизмати ҳарбӣ. Ҳеҷ гуна аз ин ҳуҷҷатҳо ҷои истиқомати овоздиҳандаро нишон намедиҳад. Лекин тибқи талаботи Моддаи 72-и дастурамали мазкур овоздиҳандагон ба рӯйхатҳои иловагии овоздиҳандагон баъд аз пешниҳод намудани ҳуҷате, ки ҷои истиқоматро нишон медиҳад, ворид карда мешаванд.

25 КУИ-ҳое, ки дар дар участкаҳои интихоботии махсуси муассисаҳои ҳарбӣ ва беморхонаҳо таъсис дода шуда буданд, рӯйхати овоздиҳандагонро тибқи қонун ду рӯз қабл аз санаи интихобот тартиб доданд.

26 Нигаред масалан ба қисми 1.2.iv, Моддаи 7-и Кодекси Коммиссияи Венетсия 2002 оид ба Таҷрибаи хуб дар масоили интихоботӣ, ки тибқи тавсияи он “бояд процедураҳои маъмурие мавҷуд бошад, ки дар асоси тафтишоти ҳуқуқӣ ва мурофиаи ҳуқуқӣ” ба раъйдиҳандагон иҷозати дар феҳрист ҷо намудани онҳоро надишад; [...] Дар ҳеҷ яке аз участкаҳои интихоботӣ бояд иҷозат дода нашавад, ки овоздиҳандагонро дар рӯзи худи интихобот ба қайд гиранд”.

Интихобкунандагоне, ки ҷои истиқоматашон дар давоми 15 рӯз то рӯзи интихобот иваз шуданд, метавонистанд аз КУИ-и қаблӣ Шаҳодатномаи Ҳуқуқи Овоздиҳиро дархост намуда, дар макони нави инстиқомати худ овоз диҳанд. Чӣ тавре ки хабар медиҳанд, шумораи овоздиҳандагон дар баъзе ҳавзаҳо дар давраи тафтишкунӣ тағйир наёфт, ки ин дурустии раванди тафтиши коммиссияҳои интихоботиро зери ҳшубҳа қарор дод[27]. Дар дигар ҳавзаҳо, дар шумораи раъйдиҳандагон афзоишҳо[28] ё коҳишҳои[29] зиёд ба миён омад. Дар участкаҳои интихоботии назоратшуда, қариби 3.4 фоизи шумораи умумии овоздиҳандагони ин участкаҳои интихоботӣ дар вақти назоратгузаронӣ ба рӯйхатҳои иловагии овоздиҳандагон дохил карда шуданд. Аз КУИ талаб карда нашуд, ки миқдори овоздиҳандагонро дар рӯйхатҳои асосӣ ва иловагии овоздиҳандагон дар протоколҳои натиҷаҳо алоҳида нишон диҳанд. Ҳеҷ гуна иттилооти умумимиллие дар бораи шумораи овоздиҳандагони ба рӯйхатҳои иловагии овоздиҳандагон иловашуда барои дастрасии омма пешкаш гардида набуд.

*Бо мақсади беҳтар намудани масъалаи мукаммалии рӯйхатҳои овоздиҳандагон, мақомот метавонистанд иттилооти марбут ба қайди овоздиҳандагонро аз рӯи ҳавза ва гурӯҳи овоздиҳанда, аз ҷумла аз рӯи ҷинс, ва инчунин аз рӯи шумораи ботафсили овоздиҳандагон қабл аз кушодани участкаҳо барои омма пешкаш намояд.*

## VII. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДОН

Овоздиҳандагони ба талабот ҷавобгӯ, ки синнашон аз 35 болост, бо забони давлатӣ ҳафр мезананд ва таи 10 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ кардаанд, метавонанд ҳамчун номзад ба мансаби Президент пешбарӣ шаванд. Афроди дорои сабти ҷиноятии "нопок" ва имомҳо ҳуқуқи интихоб шуданро надоранд. Талаботи вобаста ба мӯҳлати истиқомат зиёдатӣ ба шумор рафта, талаботи забондонӣ норавшан ва хеле ноадлона мебошад. Чунин талаботҳо ба ҳуқуқи интихоб шудан маҳдудиятҳои беасосро бор намуда, бар хилофи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалӣ мебошанд[30].

Тибқи қонун, ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, инчунин Маҷлисҳои минтақавӣ метавонанд номзадҳои худро пешбарӣ намоянд. Ҳафт ҳизбе, ки номзадони худро пешниҳод намуданд, инҳоянд: ҲАТ, ҲКТ, ҲДТ, ҲНИТ, ҲХДТ[31], ҲИИТ ва ҲСТ. Қонун худпешбарии номзадҳои

---

[27] Тибқи гузориши КҲИ 5, 31, 39, 43, 56, 59 шумораи овоздиҳандагон дар охири рӯзи интихобот айнан ҳамон шумораи ба санаи 31 август қайдшуда боқӣ монд.

[28] Чилу нӯҳ фоиз дар КҲИ 18; 16 фоиз дар КҲИ 8; 14 фоиз дар КҲИ 45; 13 фоиз дар КҲИ 54; 11 фоиз дар КҲИ 37; 10 фоиз дар КҲИ 55.

[29] Дар КҲИ-и 68 шонздаҳ фоиз; дар КҲИ-и 15 понздаҳ фоиз; 14 фоиз дар КҲИ 16 ва 65; 12 фоиз дар дар КҲИ 10 ва 33.

[30] Нигаред ба моддаҳои 7.3 ва 24-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 (дар боло оварда шудааст) ва Моддаи 15-и Тавзеҳоти умумии 1996 таҳти рақами №25-и Моддаи 25-и СБҲШС, ки чунин пешбинӣ мекунад: "одамоне, ки ба тарзи дигар барои пешбарӣ шудан дар интихобот ҷавобгӯи талаботанд, набояд бо талаботҳои беасос ва табъизомез хориҷ гарданд". Мутобиқи Моддаи 2.b-и Ковенсияи ИДМ 2002, "Ҳуқуқи шаҳрванд барои интихоб кардан ва интихоб шудан... бояд бе вуҷуди ҳар гуна маҳдудиятҳои дорои тазъиб аз рӯи гендер, забо, дин ва эътиқод, эътиқоди сиёсӣ ва дигар шакли эътиқодҳо, мансубияти миллӣ ва иҷтимоӣ, мутаалиқи аққалиятҳои миллӣ ва гурӯҳҳи нажодӣ, вазъи молу мулкӣ ва дигарҳо дода шавад".

[31] Президенти феълӣ аз ҷониби ҲХДТ ва инчунин аз ҷониби Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон пешбарӣ карда шуд.

мустақилро иҷозат дода намешавад, ки ин мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва меъёрҳои байналмилалӣ мебошад[32].

*Маҳдудиятҳои беасоси ҳуқуқ ба интихоб шудан бояд аз чаҳорчӯбаи қонун дур карда шаванд. Масъалаи баланд бардоштани талаботи вобаста ба истиқомат бояд баррасӣ карда шавад ва талаботи забондонӣ бояд тибқи муқарраротИ муфассал ва воқеъбинона танзим карда шавад. Илова бар ин, номзадони худпешбаришуда бояд дорои ҳуқуқи ширкат дар интихоботро дошта бошанд.*

Аз ашхоси ба мақоми президентӣ пешбаришаванда тақозо мегардад, ки барои ҳамчун номзад ба қайд гирифтани онҳо ҳадди ақкал панҷ фоиз аз шумораи умумии овоздиҳандагонро ҷамъ оранд, ки ин талабот беасос баланд мебошад[33]. КМИР дар таърихи 31-уми август эълон кард, ки шумораи интихобкунандагон тахминан 4 024 914 нафарро ташкил дод ва ҳиссаи имзоҳои барои пешбарии номзадро 5 фоиз, яъне 210 000 имзо муқаррар кард[34]. Интихобкунандагон метавонанд танҳо ба тарафдории як номзад имзои худро гузоранд[35] ва аз мақомоти пешбарикунандаи номзадҳо тақозо гардид, ки танҳо варақаҳоеро барои ҷамъоварии имзоҳо истифода намоянд, ки онҳо аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ шудаанд[36]. Ҳамин ашхоси расмӣ низ баъдан протоколҳои ниҳоии натиҷаҳои ҷамъоварии имзоҳоро тасдиқ намуданд, гарчанде ки мақсад аз тасдиққунии мазкур норавшан боқӣ монд[37]. Талаботи мақомоти маҳаллӣ оид ба тасдиқи варақаҳои имзоҳои ба тарафдории номзадон додашударо ҳуқуқи шаҳрвандони дар хориҷи кишвар қарордоштаро аз гузоштани имзо ба тарафдории номзади арзандаи худ воқеан истисно намуд (инчунин нигаред ба *Арзу Шикоятҳо*)[38]. Чунин монеаҳи мурофиавӣ вазъи ҷамъоварии имзоҳоро боз ҳам дида мушкилтар намуд.

*Мувофиқи таҷрибаҳои пешқадами интихоботӣ, шумораи имзоҳои ба тарафдории номзадон ҷамъшуда метавонад кам гардад. Маҳдудияти он ки шаҳрвандон танҳо барои як номзад метавонанд имзо кунанд, аз байн бурда шавад ва овоздиҳандагони дар хориҷи*

---

[32] Мувофиқи Моддаи 7.5-и Санади Копенҳагени САҲА Давлатҳои иштироккунанда бояд “эҳтиром ба ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастёб гаштан ба мақоми сиёсӣ ва давлатӣ, инфиродан ё ҳамчун намояндагони аҳзоб ё созмонҳои сиёсӣ бе вуҷуди табъиз ба ҷо биёранд”. Дар асоси Моддаи 10.3-и Конвенсияи ИДМ 2022, "Номзадон метавонанд аз тарафи овоздиҳандагони ҳавзаи интихоботии дахлдор ва (ё) тавассути худпешбарикунӣ пешбарб гарданд.

[33] Дар Қисми 17-и Тавзеҳоти умумии рақами 25, Моддаи 25и СБҲШС омадааст, ки "агар аз номзад тақозо гардад, ки дорои шумораи ҳадди ақкали тарафдорон барои пешбарӣ намудан бошад, чунин талабот бояд асоснок буда, на балки садди роҳи номзадӣ шавад". Инчунин нигаред ба Қисми 1.3(ii)-и Кодекси Коммиссияи Венетсия 2002 оид ба Таҷрибаи хуб дар масоили интихоботӣ, ки чунин тавсия менамояд: "қонун набояд ҷамъ намудани зиёда аз як фоизи имзоҳои овоздиҳандагони ҳавзаҳои интихоботии дахлдорро талаб намояд".

[34] Ҳарчанд 5 фоизи интихобкунандагон аз ҳисоби умумие, ки КМИР эълон кардааст 201 246 нафарро ташкил мекунад, аммо ҷамъоварии ҳадди ақкали 210 000 аз ҷониби ягон номзад мавриди бахс қарор.

[35] Гарчанде ба Тоҷикистон алоқамандӣ надорад, вале ҳамчун намунаи таҷрибаи пешқадам дар ин ҷода, Моддаи 77-и САҲА/ДИДҲБ 2010 ва Дастурамали Коммиссияи Венетсия дар бораи танзими Ҳизби Сиёсӣ чунин тавсия медиҳад, ки "барои рушди гуногунфикрӣ ва озодии иттиҳодияҳо, қонунгузорӣ шаҳрвандонро набояд аз имзо намудани рӯйхат ба тарафдории танҳо як ҳизб маҳдуд намояд".

[36] Тибқи Қарори КМИР таҳти №39, варақаҳои имзоҷамъкунии дар як ҳавза тасдиқгардидаро дар дигар ҳавза истифода бурда намешавад.

[37] КИП ва Қарори КМИР таҳти №39 барои ашхоси давлатии маҳаллӣ ҳеҷ гуна ваколате ҷиҳати тафтиши имзоҳои ҷамъовардашуда намедиҳад.

[38] Мутобиқи Моддаи 2.с-и Конвенсияи ИДМ 2002, "Ҳар як шаҳрванд, ки дар давраи баргузории интихоботҳои миллӣ берун аз ҳудуди мамлакати худ зиндагӣ мекунад ё қарор дорад, соҳиби ҳуқуқҳои интихоботии баробар ба дигар шаҳрвандони давлаташон мебошанд". Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии давлат, инчунин ашхоси расмии онҳо барои пиёда сохтани ҳуқуқҳои овоздиҳӣ ва озодиҳояшон ба онҳо кӯмак мерасонанд.

*кишвар қарордошта бояд имкони дар ҷараёни имзоҷамъкунӣ ширкат карданро дошта бошанд.*

Мутобиқи қонун, давраи пешбарии номзадон ва ҷамъоварии имзоҳо ба ҷонибдории номзадонро 20 рӯз муқаррар кардааст. Дар таърихи 2-юми октябр, ҲСТ, ҲКТ ва ҲДТ аз КМИР дархост намуданд, ки мӯҳлати пешниҳоди имзоҳо то 7 октябр тамдид карда шавад. Онҳо инро набудани вақти ҷудошуда барои ҷамъоварии имзоҳои зарурӣ асос намуданд. Мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ инчунин аз душвориҳои ҳангоми гирифтани варақаҳои расмии имзоҳо ва мушкилиҳо дар вақти ҷамъоварии имзоҳо дар қишлоқҷойҳо хотиррасон намуданд. То мӯҳлати муқарраргардида ҷамъ овардани миқдори зарурии имзоҳоро танҳо ба се номзад муяссар гардид. КМИР дархости мазкурро мусбӣ ҳал намуда, мӯҳлатро то соати 18:00-и 10-уми октябр тамдид намуд.

Дар санаи 10 октябр, баъд аз бақайдгирии шаш номзад[39], КМИР эълом дошт, ки имзоҳоро метавон то субҳи рӯзи дигараш супорид. Рӯзи 11 октябр, нафари пешбаришудаи ҲНИТ, хонум Ойниҳол Бобоназарова эълон намуд, ки ҳамагӣ 201 326 имзо ҷамъ намуда, барои иштирок дар интихобот талош нахоҳад кард. ҲНИТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ ва васоити ахбори омма хабар изҳор доштанд, ки бинобар сабаби набудани хоҳиш ва дастрасии ашхоси расмии маҳаллӣ барои тасдиқи варақаҳои ҷамъоварии имзоҳои онҳо ҷараёни корашон кашол ёфт[40] ва баъзе аз овоздиҳандагон аз имзо карда ба номзади арзандаи худ бо сабаби тарси таъқиб қарор доштан худдорӣ намуданд. САҲА/ДИДҲБ дар ин ҷода як қатор гузоришҳои эътимоднок гирифт.

Зиёда аз 1.3 миллион имзо қайд гардида, ба КМИР пешниҳод карда шуд. КМИР дар давоми камтар аз як ҳафта аз назар гузарониданд. КМИР барои тафтиши имзоҳои ба тарафдории номзадон ҷамъшуда қоидаву талаботҳои муайяне муқаррар накард, ки боиси коста гаштани сатҳи шаффофият ва адолат дар раванди бақайдгирии номзадон мегардад.

*Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи баназаргирӣ, процедураҳои ҷамъоварӣ ва санҷиши имзоҳо бояд содда карда шавад ва мӯҳлати пешбирии номзадонро метавон тамдид намуд. Барои беэътибор донистани имзоҳо бояд талаботи равшан ва воқеъбинона муқаррар гардад. Чунин қоидаҳо бояд ба қадри зарурӣ пеш аз баргузории интихоботҳо барои омма дастрас бошанд.*

## VIII. МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

Маъракаи интихоботӣ аз рақобатнокӣ ва гуногунфикрии ҳақиқӣ холӣ буд. Маърака хеле назарногир буд, гарчанде он дар се рӯзи охир пурзур гардид. Дар маҷмӯъ, маърака диққату ҷалби ба миён овард, сарфи назар аз кӯшишу ғайратҳои ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштанги сатҳи воқифнокии омма тавассути овезаҳо ва хабаргузориҳои ахбори омма дар бораи интихобот ва даъвати раъйдиҳандагон барои додани овози худ.

---

39 Бобоев Олимҷон (ҲИИТ), Бухориев Толибек Аҳмадович (ҲАТ), Ғаффоров Абдуҳалим (ҲСТ), Исмонов Саидҷаъфар Исмонович (ҲДТ), Талбаков Исмоил Иброҳимович (ҲКТ), Эмомалӣ Раҳмон (ҲХДТ). Тартиби номзадон мисли тартиби дар варақаҳои расмӣ овардашуда нишон дода шудааст.

40 Аз намояндагони ҲНИТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ гузоришҳои зиёде ворид гардиданд, ки онҳо аз дучор шудан ба монеаҳои маъмурӣ нишондод шуданд. Дар таърихи 25 сентябр, КМИР ҷораҳои зарурӣ андешида, мактуби расмие ба роҳбарони ноҳияҳо ва шаҳрҳо ирсол намуд ва аз онҳо дархост намуд, ки ҷараёни чамъоварии имзоҳоро пайгирӣ намояд.

Маъракаи расмии интихобот баъд аз ба қайд гирифта шудани номзад шурӯъ шуда, то 24 соат мондан ба кушодашавии участкаҳои интихоботӣ идома меёбад[41].Дар асоси КИП, КМИР ва КҲИ бояд шароити баробари маъракаҳоро барои кулли номзадон фароҳам биёранд ва дар ташкили чорабиниҳои маъракавӣ ба номзадон дастгирӣ кунанд. КМИР реҷаи умумимиллии вохӯриҳои номзадонро бо интихобкунандагон тасдиқ намуд. Президенти феълӣ дар вохӯриҳои аз ҷониби КМИР тасдиқгардида худаш иштирок накарда, вале намояндагони бовариноки ӯ иштирок дошт. МНИ САҲА/ДИДҲБ нӯҳ вохӯрии номзадон ва ашхоси бовариноки онҳоро бо интихобкунандагон, аз ҷониби МИР тасдиқ гардида буданд, мавриди назорат қарор доданд, ки ҳамаи онҳо аз тарафи ашхоси расмии интихобот идора карда мешуданд. Номзадон ё намояндагони онҳо худро муаррифӣ намуда, барномаҳои худро манзури омма гардонданд. Сарфи назар аз он ки сатҳи иштирок дар чорабиниҳо баланд буд, онҳо қолабӣ буданд ва миёни номзадон баҳси хеле кам суръат гирифт[42]. Умуман, иштирогккунандагони вохӯриҳои мазкур ҳавасмандкунанда ба назар намерасиданд. Ҷавонон аслан дар маъракаҳои интихоботӣ ширкат наварзиданд, бо истисно аз баъзе ташаббусҳои ҲХДТ давоми рӯзҳои охир. МНИ САҲА/ДИДҲБ қайд намуданд, ки якчанд мулоқотҳои берун аз чаҳорчӯбаи қаблан муқарраршуда аз ҷониби ҲКТ, ҲДТ, ҲХДТ ва ҲИИТ баргузор гардиданд.

*Маърифати овоздиҳандагон ва шаҳрвандиро бо мақсади ҳавасмандгардонии занҳо, ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои иштироки фаъолтар дар ҷараёни интихобот метавон боз ҳам баланд бардошт. Ин иқдомро мақомоти дахлдор, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд пиёда созанд.*

Дар охири моҳи октябр, КМИР 5 000 лавҳаҳои стандартиро барои ҳар як аз шаш номзад тайёр намуд. Барои ҳар як номзад қариби 4 000 лавҳа дар участкаҳои интихоботӣ овехта шуд, ки дорои маълумот дар бораи номзадон ва барномаҳои онҳо буданд ва боқимонда лавҳаҳо ба номзадон барои маъракаҳояшон тақсим карда шуданд. Кӯшишҳои КМИР барои таъмини шароити баробари маъракагузаронӣ барои ҳамаи номзадон боиси ифтихор буданд. Вале воситаҳои калидии қаблан муайяншуда ва стандартишудаи маъракаҳо, ба мисли вохӯриҳо бо интихобкунандагон ва маводҳои маърака, ба маъракаи пурҷӯшу хурӯш ва рақобатнок оварда нарасонд.

Маъракаи интихоботӣ аз баҳсҳои пурталотум холӣ буд. Намояндагони Президенти кунунӣ аз дастовардҳои гузаштаи ӯ аз қабили сулҳу салоҳ овардан хотирнишон шуда, барои беҳбудии некӯаҳволии мардум ваъдаи саъю кӯшишҳо доданд. Дигар номзадон масъалаҳои вобаста ба кишоварзӣ, истиқлолияти энергетикӣ, тандурустӣ, маориф ва муҳоҷиратро манзури бардоштанд. Аксари номзадон аз изҳори он фикрҳое, ки боиси такони андешаҳои Президенти феълӣ ё ҳукумат мегаштанд, худдорӣ намуданд. Гуногунфикрии маъракаи интихоботиро метавонист аз ҳисоби иштироки номзадони дорои фикру ақидаҳои мухолифи ҳукумат баланд бардошта шавад[43].

Дар байни корҳои айёнии Президенти феълӣ ва панҷ номзади дигар тафовути калон ҷой дошт. Лавҳаҳо ва плакатҳои таҷассумгари Президенти кунунӣ ба таври васеъ дар саросари

---

41 Барои ин интихобот, КМИР дастуре қабул намуд, ки тибқи он гузарондани маърака як рӯз то интихобот мондан манъ мегардад, ҳол он ки ин муқаррарот дар КИП пешбинӣ нагардидаст.

42 Чорабиниҳо дар деҳот то 150 нафари иштирокчиро ҷамъ оварда, дар шаҳрҳо шумораи иштирокчиён то ба 700 нафарро бо ҷалби шумораи зиёди кормандони давлатӣ, аз ҷумла муаллимондарбар гирифтанд.

43 Якчанд мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳор доштанд, ки агар хонума Бобоназарова ба қайд гирифта мешуд, маърака бештар пурҷӯштар мешуд, одамон ва матбуот зиёдатр ҷалб мешуданд, инчунин масъалаҳои калидӣ ба мислиислоҳоти сарқонун дар мадди аввали диққат гузошта мешуд.

кишвар овехта шуда, ҳеҷ гуна кӯҷае дорои эълони дигар номзадон ба назар нарасид[44]. Президенти кунунӣ ташрифҳои хеле барҷастаро дар саросари кишвар амалӣ намуд, ки ӯ дар маросимҳои мухталиф ҳузур дошт, бо намояндагони доираҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ вохӯриҳо баргузор намуд ва ба кушодашавии иншоотҳои таълимӣ, варзишӣ, саноатӣ ва манзилӣ ҳусни ифтитоҳ бахшид ва туҳфаҳо тақдим намуд. Ташрифҳои мазкур ба таври васеъ ва мусбӣ тариқи ВАО-и давлатӣ пахш гардиданд. Моддаи 5.4-и Санади Копенҳагении САҲА 1990 "ҷудокунии дақиқро байни Давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ" пешбинӣ менамояд[45]. Мақомот чораи пешбирикунандае бар зидди суистеъмолкунии захираҳои маъмурӣ наандешид ва фарқияти байни давлат ва ҳизби ҳокими сиёсӣ тез-тез нофаҳмо буд[46].

*Мақомоти дахлдор бояд чораҳои пешгирикунандаро баҳри равшан гардондани фарқи байни Давлат ва ҳизб андешанд; то ба пешгирии номзадҳоро аз истифодаи авзалияти фаъолияти кориашон барои мақсадҳои интихоботӣ равона бошанд. Мақомоти маҳаллӣ бояд нақши худро дар расондани дастгирии амалӣ ба номзадон ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳангоми ташкил намудани ҷорабиниҳои маъракавиашон маҳдуд намоянд.*

## IX. МАБЛАҒГУЗОРИИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

КИП маблағгузории баробари марбут ба маъракаро барои тамоми номзадон кафолат медиҳад, вале масъалаҳои вобаста ба шаффофият ва масъулиятнокии маблағгузории маъракаро баррасӣ наменамояд, аз ҷумла ҳисоботдиҳии саривақтӣ аз рӯи захираҳо ва хароҷотҳои маърака ё назорат аз болои маблағгузории маърака. Пеш аз баргузории интихобот, КМИР қоидаҳоеро қабул намуд, ки тибқи он номзадон бояд ҳисоботи молиявии дар бораи маблағҳои давлатии аз ҳисоби КМИР гирифташударо пешниҳод намоянд. Бо вуҷуди ин, талаботи мазкур аз мадди назар дур монда, не ҳисоботҳо мавриди манзури омма қарор гирифтанд ва не КМИР санҷиши аудитиро аз болои ҳисоботҳо талаб намуд. Набудани иттиллот барои эроди ботафсили омма ва набудани аудит шаффофият ва маҳсулияти маблағгузории маъракаро маҳдуд намуд[47].

*Бо мақсади рушди шаффофият дар самти маблағгузории маърака, аз ҳамаи номзадон ва сохторҳои пешбарикунанда тақозо кардан метавон, ки тамоми саҳмҳои маърака ва хароҷотҳои худро саривақт мавриди шиносоии омма қарор диҳанд. Мувофиқи таҷрибаҳои пешқадам, масъалаи ворид намудани ҳисоботҳои пешакии молиявиро то рӯзи интихобот бо мақсади хабар додани овоздиҳандагон дар бораи маблағгузории маъракаҳо пеш аз додани овози худ баррасӣ намуд.*

---

44 МНИ САҲА/ДИДҲБ гирифта партофтани чунин лавҳаҳоро дар рӯзи интихобот, ки аз доираи қонун берун нест, мушоҳида намуданд.

45 Мутобиқи Моддаи 3.6-и Ковенсияи ИДМ 2002, номзадон наметавонанд аз афзалияти мақом ё вазифаи худ бо мақсадҳои интихоботии худ истифода баранд.

46 Масалан, дар як қатор минтақаҳо МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намуданд, ки мақомоти маҳаллӣ аз номи номзаде маърака гузаронда истодааст. Бар замми ин, баъзе донишҷӯён ва устодон ба САҲА/ДИДҲБ изҳор доштанд, ки онҳо вазифадор шудаанд то дар чорабиниҳои маъракавии ҲХДТ иштирок кунанд.

47 Гарчанде ба Тоҷикистон алоқамандӣ надорад, вале ҳамчун намунаи таҷрибаи пешқадам дар ин ҷода, Моддаи 200-и САҲА/ДИДҲБ 2010 ва Дастурамали Коммиссияи Венетсия дар бораи танзими Ҳизби Сиёсӣ чунин тавсия медиҳад, ки "ҳисоботгузорӣ аз болои маблағгузории маъракаҳо бояд ба мақомоти салоҳиятдор дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯзи баъди интихоботҳо таюдил дода шавад". Илова бар ин, ҳамчун таҷрибаи пешқадам, тибуи Моддаи 7.3-и Ковенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди Коррупсия аз давлатҳо даъват ба ҷо оварда мешавад, ки "[...] онҳо бо мақсади густариш додани шаффофият дар маблағгузории номзадӣ барои ишғол намудани вазифаи давлатии интихобшуда чораҳои қонунӣ ва маъмурӣ андешанд".

*Ба ягон намуд сохтори мустақили касбӣ салоҳият ва захираҳое метавон дод, ки ҳисоботҳои молиявии маъракаҳоро одилона ва воқеъбинона мавриди аудит қарор диҳад.*

Ба ҳар як номзад ҳуқуқи аз ҳисоби захираҳои КМИР гирифтани 25,000 Сомонӣ дода шуд[48]. Ҳар як сохтори пешбарикунанда метавонист дар маъракаи пешазинтихоботии номзади худ то 200 000 Сомонӣ харҷ намояд. Тадбиқи муқаррароти зикргардида ба сохторҳои пешбарикунандаи аз ҳисоби давлат маблағгузоришаванда боиси тақсимоти нобаробари захираҳои давлатӣ барои номзадон мегардад. Инчунин масъалаи он ки дар мавриди агар якчанд сохтор як номзадро пешбарӣ кунанд, ҳар кадом дар алоҳидагӣ ҳуқуқи масрафи миқдори мазкурро доранд ё не, норавшан мебошад[49]. Чунин номуайянӣ бар хилофи Моддаи 7.7-и Санади Копенҳагении САҲА 1990 дониста мешавад[50].

*Қонунгузорӣ тағйиру иловаҳоеро тақозо мекунад, ки муқаррароти марбут ба маблағгузории маърака ба рақибон авзалияти номутаносиб ва аз ҳад зиёдро намедиҳад.*

# X. ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

## A. ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ

Моддаи 30-и Сарқонун озодии сухан ва матбуотро пешбинӣ намуда, ҳамзамон худназораткунии давлатӣ ва бинобар сабаби танқид намудан мавриди таъқиб қарор гирифтанро манъ менамояд. Ҳамчун иқдоми нек, ба Кодекси ҷиноятӣ соли 2012 тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он таҳқиркунӣ қисман аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод карда мешавад. Вале ҳолатҳои ба ҷавобгариҳои ҷиноятӣ кашидан барои паст задани президент ва дигар ашхоси расмӣ ҳоло ҳам боқӣ мемонанд. Қонуни ҷадиди 2013 Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма метавонад ҳуқуқҳои рӯзноманигоронро рушд дода, дастрасии онҳоро ба иттилоот беҳтар намояд, ба шарте ки агар он аз доираи мақсадҳои қонуни номбаршуда берун набошад[51].

*Бо мақсади рушду равнақи муҳити маърака, монеаҳои беасоси боқимонда доир ба озодии сухан бояд аз чаҳорчӯбаи қонун берун карда шавад.*

Чаҳорчӯбаи қонуние, ки баргузории маърака дар васоити ахбори оммаро танзим мекунад, оддӣ ва қафомонда мебошад[52]. КИП ба рақибон ҳуқуқи ширкати баробар дар маъракаи пешазинтихоботиро медиҳад, аз ҷумла дар воситаҳои ахбори давлатӣ. Он ба КМИР

---

48 Дар замони навиштани гузориш арзиши 1 евро тақрибан ба 6.5 Сомонб баробар буд.

49 Намояндагони Федератсияи Иттифоқҳои Касабаи Мустақили Тоҷикистон, ки Президенти феълиро якҷоя пешбарӣ намуданд, изҳор доштанд, ки онҳо барои маърака ҳеҷ гуна хароҷоти маблағ нахоҳанд кард.

50 Моддаи 7.7-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 аз Давлатҳои иштирокчӣ тақозо менамояд, ки "онҳо бояд қонун ва сиёсати давлатиашонро барои иҷозати маъракагузаронии сиёсӣ ба таври одилона ва дар муҳити озод пиёдасозӣ намоянд". Тибқи тавсияҳои Қисми 3.1.a (iv)-и Коммиссияи Венетсия 2002 оид ба Таҷрибаи хуб дар масоили интихоботӣ, сохторҳои давлатӣ бояд вазифаи бетарафонаи худро риоя намоянд, бахусус дар мавриди маблағгузорӣ намудани ҳизбзо ва номзадон.

51 Намояндаи САҲА оид ба Озодии Матбуот сарфи назар аз он, ки як қатор тағйиротҳои мусбиро самти қонун номгир кард, вай хоса қайд намуд, ки қонунгузорҳо ва сохторҳои иҷроия бояд баҳри пиёдасозии муқаррароти нави қонун иқдомҳои мушаххас пешаи худ намоянд. Нигаред ба: http://www.osce.org/fom/100853.

52 Қонунгузорие, ки фаъолиятҳои матбуотро ба танзим медарорад, Сарқонун, КИП, Қонун дар бораи Телевизион ва Радио, Қонун дар бораи Матбуоти Даврӣ ва дигар васоити ахбори оммаро дарбар мегирад.

масъулияти фароҳам овардани шароити баробари маъракаро вогузор мекунад[53]. Дар ин замина, КМИР қароре қабул намуд, ки тибқи он ба ҳар як номзад 30 дақиқаи эфири ройгонро дар воситаҳои радиову телевизиони давлатӣ ҷудо гардид. Ба ашхоси бовариноки ҳар як номзад ҳуқуқи 20 дақиқаи иловагии эфири ройгон дода шуд. Барои номзадон инчунин дар саҳифаҳои рӯзномаҳои давлатӣ дар ҳаҷми даҳ саҳифаи А4 ҷой ҷудо карда шуд.

Шабакаҳои ахбори давлатӣ ба ҳамаи шаш номзад (ё намояндагони бовариноки онҳо) вақти баробари эфирии ройгонро барои пешкаш намудани саҳнаҳои сиёсии худ тавассути маъракаи интихоботӣ ҷудо намуд. Ҳар яке аз се шабакаи умумимиллии телевизионии давлатӣ (*Шабакаи аввал, ТВ Сафина* ва *ИВ Ҷаҳоннамо*) барои номзадон 30 дақиқаи вақти эфирии ройгонро ҷудо намудаанд, ки дар маҷмӯъ 90 дақиқаи умумии вақти эфириро ба ҳар як номзад (дар муқоиса бо қарори дар аввал қабулшудаи КМИР се баробар зиёд) ташкил медиҳад. Намояндагони Кумитаи давлатии телевизион ва радио (КДТР) ба МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳор доштанд, ки ҳадаф аз ҷудо гардидани вақтҳои иловагии эфирии ройгон барои номзадон ин ҷуброн кардани вақти ҷудошуда буд, вале аз ҷониби намояндагони бовариноки номзадон истифода бурда нашуд. Ташаббуси мазкур қарори КМИР-ро вайрон намуд.

## B. ВАЗЪИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Шабакаҳои давлатии умумимиллии раидову телевизион аз ҳама дида манбаъҳои дастрас ва пашнгаштаи кишвар бе ҳисоб меравaнд. Аз байни чор телевизионҳои миллӣ, *Шабакаи 1* ҳамчун шабакаи асосӣ барои иттилооти сиёсӣ дониста мешавад. Дар маҷмӯъ, тақрибан 30 воситаҳои радиову телевизиони хусусӣ дар мамлакат ба қайд гирифта шудаанд; шабакаҳои телевизиони хусусӣ ва аксари стансияҳои радиоӣ фаат дар сатҳи минтақавӣ фаъолият менамоянд. Якчанд стансияҳои радиоӣ, ба мисли *Азиа Плюс* ва *Имрӯз*, миқёси пахши худро берун аз пойтахти кишвар ботадриҷ зиёд карда истодаанд.

КДТР дар асоси Қонун дар бораи Телевизион ва Радио таъсис ёфта, танзими пахши радиоиву телевизиониро ба ҷо меорад. Ин ҳамчун сохтори маркази давлатӣ дар роҳнамоии фаъолиятҳои воситаҳои давлатии радиову телевизион, ки мавқеи ҳукуматро бе овардани таҳлил ё эрод ифода менамояд, ба шумор меравад ва он дар маҷмӯъ барои изҳори ақидаҳои ҳизбҳои мухолифин имконият намедиҳад[54].

*Бо мақсади дастрасӣ ёфтани омма ба фикру ақидаҳои мухталиф, давлат метавонад масъалаи таъсиси хизматрасонии пахши кушоди радиову телевизиониро бо назардошти озодиҳои кофии молиявӣ ва таҳририӣ аз ҷониби ҳукумат баррасӣ намояд.*

Тақрибан 400 номгӯи маводҳои хабарии нашрӣ ба қайд гирифта шудааст, вале гардиши умумии онҳо хеле маҳдуд мебошад[55]. Сарфи назар аз он, ки шумораи истифодабарандагони интернет то кунун нисбатан кам буда, мутаалиқи шаҳрҷойҳо мебошанд[56], нақши манбаъҳои

---

[53] Илова бар ин, Қонун дар бораи Телевизион ва Радио ҳам ба КМИР дар муқаррар намудани шартҳои истифодабарии телевизион ва радио дар давоми маъракаи интихоботӣ нақши марказиро медиҳад.

[54] Масалан, дар марҳилаи пеш аз ба қайдгирии номзадон, шабакаҳои телевизионии давлатӣ барномаҳоеро пахш намуданд, ки ҲНИТ бо нигоҳи манфӣ таҷасум намуда, ба ин ҳизб мӯҳлате барои посух гардондан надоданд. ҲНИТ бо аризаи шикоятии худ ба суди ноҳиявии Душанбе муроҷиат карда, аз васоити хабарии давлати талаби бахшиш пурсиданро кард. Нигаред ба қисми *Арзу Шикоятҳо*.

[55] *Азия* Плюс, яке аз маъмултарин рӯзнома, ҳафтае ду мротиба нашр шуда, тахминан 13 000 нусхаро дорост. *Имрӯз Нюз*, ягона рӯзномаи ҳаррӯза дар Тоҷикистон, дорои гардиши ҳудуди 3 000 нусха мебошад.

[56] Тахминан 13 фоизи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2012 арзёбӣ мегардад. Нигаред ба сомонаи: http://www.internetworldstats.com/stats3.htm.

иттилоотии сомонавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун саҳнаи мубодилаи афкор тадриҷан аҳамияти хоса пайдо карда истодаанд. Бо вуҷуди ин, дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии иҷтимоӣ ва вэб-сомонаҳо гоҳ-гоҳ қатъ карда мешавад[57]. Дар давраи дурӯзаи пеш аз интихобот ва дар худи рӯзи интихобот вэб-сомонаи рӯзномаи хусусии *Озодагон* тавассути таъминкунандагони интернет да тамоми кишвар дастнорас буд. Бисёри овоздиҳандагон наметавонанд иттилооти мухталифро тариқи интернет ва матбуоти нашриро мутолиа кунанд, ки сабабаш ин арзиши нисбатан баланд доштан ё маҳдуд будани дастрасӣ берун аз минтақаҳоии асосии шаҳрӣ маҳсуб меёбад.

Шумораи зиёди мусоҳибон ба МНИ САҲА/ДИДҲБ тасдиқ намуданд, ки аз тарси зери таъқиби ҷавобгарии маъмурӣ ва мурофиаҳои суди қарор нагирифтан худназораткунӣ амали муқаррарии рӯзноманигорӣ мебошад. Якчанд ҳолатҳои судии ба интихобот алоқаманд набуда бар зидди рӯзноманигорон аз ҷониби нашрияҳои матбуотии хусусӣ дар замоне ҳузури МНИ САҲА/ДИДҲБ дар кишвар идома ёфта истода буданд.

*Сохторҳои давлатӣ бояд аз дахолат ба кору фаъолиятҳои матбуот даст кашанд. Нашрияҳои матбуотӣ бояд тавонанд, ки фаъолияти худро бидуни ҳар гуна тарсу ҳаррос ва фишор, чӣ байни интихоботҳо ва чӣ дар давоми марҳилаҳои интихобот ба роҳ монанд.*

## C. Тавзеҳоти Маъракаи Интихоботӣ

Мувофиқи натиҷаҳои мониторингии МНИ САҲА/ДИДҲБ аз болои ахбори омма[58], расонаи иттилоотии давлатии *ТВ Шабакаи 1, ТВ Сафина ва ТВ Ҷаҳоннамо* барои номзадон ҳангоми пахши ахбориашон доир ба вохӯриҳои аз ҷониби КМИР ба нақша гирифташудаи номзадон вақтҳои баробари эфириро ҷудо намуданд. Ду рӯз қабл аз интихобот, васоити телевизиони давлатӣ барномаи қаблан сабтшудаи муҳокимаро бо ҷалби панҷ номзад ва шахси боваринoки Президенти кунунӣ пахш намуданд. Пахши рақобаткунандагон дар барномаҳои зикргардида, новобаста аз кӯшиши баробарии қатъии он, қолабӣ буда, ҳеҷ гуна мубодилаи афкорро миёни рақибон дарбар нагирифт.

*Бо мақсади фароҳам овардани имконият ба овоздиҳандагон барои муқоиса ва фарқ намудани номзадон ва барномаҳои онҳо, миёни номзадони рақиб баҳсҳои ҳақиқиро дар марҳилаи пеш аз интихобот метавон талқин кард.*

Фаъолиятҳои Президенти феъл, бахусус ташрифҳои ӯ ба минтақаҳо аз ҷониби расонаҳои хабарии давлатӣ ба таври васеъ, мусбӣ ва бештар идона пахш гардида, нисбат ба дигар номзадон диди ба ӯ ҳаҷми зиёдтари пахши иттилоотӣ ҷудо намуданд. Барномаҳои хабарии тариқи *ТВ Шабакаи 1* аз оғози давраи маърака 90 фоизи вақти худро (зиёда аз 15 соат) ба Президенти феълӣ дар нақши худаш ҳамчун президент бахшиданд; боқимонда 10 фоизи

---

57 Намояндаи САҲА доир ба Озодии Матбуот аз ҳолати қатъ гардидани манбаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои Интернет дар кишвар изҳори нигаронӣ намуд. Нигаред мсалана ба http://www.osce.org/fom/92368; http://www.osce.org/fom/92477.

58 Дар таърихи 8 октябр, МНИ САҲА/ДИДҲБ таҳқиқи миқдорӣ ва сифатии худро аз болои се шабакаи телевизионии умумимиллӣ, се стансияҳои радио ва даҳ рӯзнома оғоз намуд. Васоити иттилоотие, ки мавриди мониторинг қарор гирифтанд, чунин шабакаҳои телевизионии давлатиро дарбар гирифтанд: *ТВ Ҷаҳоннамо, ТВ Сафина ва ТВ Шабакаи 1*; стансияҳои радиоӣ: *Радиоои Тоҷикистон* (давлатӣ), *Радиои Имрӯз, инчунин Радиои Ховар* (хусусӣ); рӯзномаҳо: *Ҷумҳурият, Народная Газета, Садои Мардум (давлатӣ), Азия Плюс, Фараж, Имрӯз Нюз, Миллат, Нигоҳ, Озодагон, инчунин Тоҷикистон (хусусӣ)*. Ғайр аз он, пахшҳои хабарии интихобӣ аз радиои *Озодӣ* (тариқи Интернет дастрас аст) ва радиои *Садои Хуҷанд* низ дар давоми се ҳафтаи қабл аз рӯзи интихобот мавриди мониторинг қарор гирифтанд.

дигар байни 5 номзади дигар баробар тақсим карда шуд (тахминан 20 дақиқа сари ҳар як номзад)[59].

Дигар васоити хабарии давлатӣ, ҳам радиову телевизион ва ҳам матбуоти чопӣ маъракаи интихоботиро якзайл пахш намуданд. Дар барномаҳои иттилоотии радиои давлатии *Радиои Тоҷикистон* ба Президенти кунунӣ 97 фоизи вақти эфирӣ ҷудо гардид, ки он тақрибан ҳашту ним соати вақти эфирро дарбар мегирифт. Агарчӣ васоити хабарии давлатӣ қонунан масъули пахши хабарҳои расмии президент ва дигар сохторҳои давлатӣ мебошад, андозаи чунин пахшҳо ва норасоии усули таҳририӣ боиси ба назар расидани муносибати боғараз ба фоидаи Президенти кунунӣ гардид[60]. Ин амал сатҳи майдони бозии сиёсиро коста намуда, ба Президенти феълӣ афзалияти калон дод, ки ин бархилофи ӯҳдадориҳои САҲА ба ҳисоб меравад[61].

*Васоити хабарии давлатӣ тавассути пахшҳои иттилоотӣ ва барномаҳои роҷеъ ба масъалаҳои умумиҷамъиятӣ бояд кӯшиши бештареро ба харҷ диҳанд, ки иттилооти бетарафона ва баробарвазнро дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо пешкаш намоянд. Пахши Президенти кунунӣ бояд дар доираи принсипҳои баробаробарӣ баҳри таъмини сатҳи майдони бозӣ барои номзадҳо ба танзим даровaрда шавад.*

Дар баробари ҷудо намудани ҳиссаи бештари пахши эфирӣ ба Президенти кунунӣ, аксари васоити хабарии хусусӣ онро бо усули маҷмӯан баробарвазн инъикос намуда, иттилоотиимардум намуданд, аз ҷумла иттилооти танқидӣ. Ин ҳолати хоси радиои *Озодӣ* ва инчунин рӯзномаи *Азия Плюс*, *Фараж*, *Нигоҳ* ва *Озодагон* буд. Вале пахши маъракаи интихоботи аз ҷониби матбуоти хабарии хусусӣ дар маҷмӯъ маҳдуд буда, ҳолати қолабии маъракаро инъикос намуданд.

Ғаразнокии матбуоти давлатӣ ва норасоии умумии гуногунандешӣ, ки ба интихобкунандагон пешкаш карда шуд, масъалаи дастрас будани гуногунии умумии фикру андешаҳоро барои овоздиҳандагон баҳри интихоби дониста намудан зери суол гузошт, ки ин бархилофи ӯҳдадориҳои САҲА мебошад.[62]

## XI. ИШТИРОКИ АҚҚАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ

Халқиятҳои асосии кишвар ин тоҷикон буда, 84.2 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд. Халқиятҳои дигар ин ӯзбекҳо (12.2 фоиз), қирғизҳо (0.8 фоиз) ва русҳо (1.1 фоиз)

---

59 Президенти кунунӣ худро мустақиман ҳамчун номзад дар ҳеҷ яке аз барномаҳои хабарӣ, ки барои номзадҳо ҷудо гардида буд, муаррифӣ накард ва ӯро ҳамеша намояндаи боваринокаш муаррифӣ менамуд.

60 Мутобиқи Моддаи 13.1-и Ковенсияи ИДМ: ҷонибҳо таъмини озодиҳо барои ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, ба дигарон расондани иттилоот дар бораи интихоботҳо, номзадҳо, инчунин пахши иттилооти воқеъбинона дар боаи интихоботҳо тариқи васоити ахбори оммаро ба душ мегиранд.

61 Тибқи Моддаи 7.6-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 аз Давлатҳои ишироккунанда тақозо мегардад, ки "...барои ҳизбҳои сиёсӣ ... кафолати зарурии ҳуқуқиро таъмин намоянд, то ки онҳо тавонанд бо якдигар дар асоси муносибати якхелаи дар назди қонун ва мақомот рақобат намоянд".

62 Тибқи Моддаи 7.8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990, Давлатҳои иштироккунанда "бояд барои намондани ҳар гуна монеаҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ талош варзида, дастрасии бехалал ба васоити хабарӣ бе вуҷуди тазъиб аз болои ҳамаи гурӯҳҳо ва ашхоси сиёсӣ, ки хоҳиши дар ҷараёни интихобот ширкат крданро доранд, таъмин гардад".

мебошанд. Гурӯҳҳои хурдтари халқиятҳо 2.3 фоизи боқимондаи аҳолиро ташкил менамоянд[63].

Дар миёни аъзоёни КМИР ду нафар аз ҳисоби аққалиятҳои миллӣ мебошанд. Ҳайати халқии КУИ ва КҲИ дар маҷмӯъ ба ҳайати аққалиятҳои миллии шумораи умумии аҳолии ҳавзаҳои алоҳида мувофиқ мебошад. Лекин дар баъзе маҳалҳое, ки шумораи зиёди аққалиятҳои миллии ӯзбек скунат доранд, намояндагони аъзоёни ин гурӯҳи аққалиятҳои миллӣ дар маъмурияти интихобот нокифоя буданд[64].

*Ба таври кофӣ намояндагӣ намудани аққалиятҳои миллӣ дар комиссияҳои интихоботӣ бояд таъмин карда шавад, алалхусус дар минтақаҳое, ки дорои шумораи зиёди аҳолӣ аз ҳисоби аққалиятҳои миллӣ мебошанд.*

Бо истисноии баъзе ҳолатҳо, маводҳо ва пахшҳои радиову телевизионии маърифатии овоздиҳандагон бо забони тоҷикӣ чоп гардиданд[65]. Гарчанде ки набудани маводҳои иттилоотӣ барои овоздиҳандагон бо забонҳои аққалиятҳои миллӣ нофаҳмоии ҷиддиеро дар ин ҷомеаҳо ба вуҷуд наовард, лекин ин гуна таҷриба ба таври комил ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳои САҲА мувофиқат намекунад[66].

Дар маҳалҳои дорои аҳолии зиёди аққалиятҳои миллӣ варақаҳоиовоздиҳӣ бо забонҳои он аққалиятҳои миллӣ ба чоп расиданд[67]. Ягон ҳолати махсуси поймолкунии ҳуқуқ бо сабабҳои мансубият доштан ба ягон халқу миллат дар рафти интихобот ба назар нарасид ва ба қайд ҳам гирифта нашуд.

*Масъалаи таъмини маводҳои иттилоотӣ ва марбут ба интихобот ба овоздиҳандагон бо забонҳои аққалиятҳои миллӣ бояд баррасӣ карда шавад, махсусан дар ҷойҳое, ки шумораи зиёди аҳолии аққалиятҳои миллӣ сукунат доранд. Ин боиси баланд гардидани сатҳи фаҳмиши тамоми ҷомеаҳо нисбат ба ҷараёни интихобот мегардад.*

## XII. НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Гарчанде ки КИП назорати рафти интихоботро аз тарафи сохторҳои пешбарикунандаи номзадон ва намояндагони васоити ахбори омма иҷозат медиҳад, он назорати бетарафонаи шаҳрвандонро пешбинӣ намекунад, ки ин мутобиқи Моддаи 8-и Санади Копенҳагении САҲА 1990 намебошад[68]. КМИР эълон дошт, ки КҲИ 5,770 нозиронро аз ҳисоби ҳамаи он

---

63 Ин маълумотҳо мувофиқи ҳисоби аҳолӣ дар соли 2010 мебошанд, аз сомонаи мазкур дастрас намоед: http://www.stat.tj/en/img/526b8592e834fcaaccec26a22965ea2b_1355502192.pdf.

64 Аз рӯи Моддаи 35-и Санади Копенҳагени САҲА 1990, "Давлатҳои иштирокчӣ эҳтироми ҳуқуқи одамони мансуби аққалиятҳои миллир бахри иштироки пурсамар дар қорҳои умумиҷаъиятӣ ба ҷо меорад".

65 Дафтари САҲА дар Тоҷикистон 5,000 варақаҳои иттилоотиро оид ба проседураҳои рӯзи интихобот ба нашр расонд; КМИР дастурамалҳоро дар бораи иштироки нозирони байналмилалӣ ва миллӣ ва ммтбуот бо забонҳои русӣ ва англисӣ ба нашр расонд.

66 Аз рӯи Моддаи 12-и Тавзеҳоти умумии 1996 таҳти рақами №25-и Моддаи 25-и СБҲШС: “иттиллот ва маводҳо дар боаи овоздиҳӣ бояд бо забонҳои аққалиятҳои миллӣ дастрас бошанд”. Мутбиқи Моддаи 32.5-и Санади Копенҳагени САҲА 1990, “одамони мансуб ба аққалиятҳои миллӣ соҳиби ҳуқуқи [...] паҳн намудан, дастрасӣ доштан ва мубодилаи иттилоот намудан бо забони модарии худашон мебошанд”.

67 500,000 варақаҳо бо забони ӯзбекӣ, 20,000 бо қирғизб ва 5,000 бо русӣ чоп карда шуданд.

68 Тибқи Моддаи 8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990, Давлатҳои иштироккунанда "чунин мешуморанд, ки ҳузур доштани нозирон, чӣ хориҷӣ ва чӣ дохилӣ, метавонад ҷараёни интихоботро барои Давлатҳое, ки дар онҳо интихоботҳо баргузо шуда истодаанд, густариш диҳад".

шаш ҳизби сиёсии рақобаткунанда, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ва Ассотсиатсияи ҷавонони Тоҷикистон аккредитатсия намуданд. Бар замми ин, КҲИ 460 намояндаи васоити ахбори маҳаллиро ба қайд гирифта, КМИР 115 намояндаи филиалҳои васоити ахбори хориҷиро бо мақсади пахши ҷараёни интихобот аз аккредитатсия гузаронд.

*Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шаффофият дар ҷараёни интихобот, қонун тағйиру иловаҳоро ҷиҳати таъмини назорати бетарафона аз ҷониби шаҳрвандон тақозо менамояд.*

Нозирони байналмилалӣ аз рӯи қонун кабул гардида, аз тарафи КМИР аккредитатсия шуда гузаштанд. Ҳарчанд КИП ҳузури нозирони байналмилалӣро бо қавли "агар зарурат бошад" шартгузорӣ намудааст, КМИР 502 нозиронро аз 6 созмонҳои байналхалқӣ ва 6 намояндагиҳои дипломатии муқими Тоҷикистон бо таври баназаргирии ҳаматарафа аккредитатсия намуданд[69].

Моҳи январи 2013, КМИР дастуреро қабул намуд, ки он тафсилот дар бораи иштироки нозирони маҳаллӣ ва байналмилалӣ нишон дода шуда, ҳуқуқҳои гуногуни нозирони миллӣ ва байналмилалӣ матраҳ карда шудааст. Масалан, нозирони маҳаллӣ соҳиби ҳуқуқи гирифтани иттилоот дар бораи рӯйхатҳои овоздиҳандагон буда, дар навбати худ нозирони байналмилалӣ чунин ҳуқуқ надоштанд. Аз дигар ҷониб, нозирони байналмилалӣ ҳуқуқи назорат кардани ҷараёни натиҷабарориро надоштанд, вале нозирони миллӣ ин гуна ҳуқуқро соҳиб набуданд. Коммиссияҳои интихобот дар бисёр ҳолатҳо бо нозирони САҲА/ДИДҲБ ҳамкорӣ нишон дода, вале назорати комилу назаррас аз болои ҳисоб ва натиҷабарорӣ дар баъзе мавридҳои рӯзи интихобот маҳдуд буд[70].

*Дастурамалҳои КМИР бояд ҳуқуқи нозиронро барои гузарондани назорати пурраи ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни интихобот пешбинӣ намояд.*

## XIII. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Баҳсҳову норозигоҳои марбут ба интихобот дар доираи ҳуқуқу салоҳиятҳои дугонаи коммиссияҳои интихоботӣ ва судҳо ҳал мегарданд. САҲА/ДИДҲБ қаблан дар арзёбии худ нисбат ба КИП аз мавҷуд доштани номутобиқатии қарорҳое қайд карда гузаштанд, ки дар мавриди якхела будани доираҳои ҳуқуқҳои коммиссияҳои интихоботӣ ва судҳо ба миён меоянд. Арзу шикоятҳои бояд дар муддати 10 рӯзи қарор пешниҳод гашта, давраи ҳукмбарорӣ бояд се рӯзро дарбар гирад. Агар шикоят камтар аз шаш рӯзи пеш аз интихобот қайд карда шавад, он бояд таъҷилан баррасӣ шавад. Коммиссияҳои интихоботӣ метавонанд арзу шикоятҳоро оид ба қайди овоздиҳандагон ва инчунин вобаста ба норозигӣ ба қарорҳо, амалҳо ва беҳаракатиҳои коммиссияҳои сатҳи поёнӣ шунавад. Судҳо метавонанд шикоятҳои марбут ба вайрон намудани ҳуқуқҳои интихоботӣ ва аризаҳои даъвогӣ аз болои қарори коммиссияҳои интихоботиро шунавад.

[69] САҲА/ДИДҲБ – 182 нозир, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) – 159, АП САҲА – 48, Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ – 35, ПА – 9, Созмони Ҳамкоии Шанхай – 9, ШМА – 33, Хитой – 8, БК – 8, Ҷопон – 8, Армения – 2, Фаронса – 1.

[70] Дар 19 ҳолат (24.1 фоизи мушоҳидаи рафти ҳисоб дар участкаҳои интихоботӣ) нозирон ба баъзе маҳдудиятҳо дучор гардиданд, масалан тавассути дар масофаи то ҳафт метр аз мизи ҳисобкунӣ дур нигоҳ доштан дар баъзе КУИ-и КҲИ-и 2, 3, 4, 5, 6 ва 44. Нозирон ҳангоми назорати натиҷабарорӣ дар КҲИ-и 4, 10, 11 ва 56 ба монеа дучор гаштанд.

Танҳо номзадон метавонанд аз болои натиҷаҳои интихобот баҳс намоянд[71]. Набудани имконияти шикоят кардани дигар ҷонибҳои манфиатдор аз болои натиҷаҳои интихобот хилофи таҷрибаҳои пешқадами интихоботӣ маҳсуб меёбад[72]. ҚИП имкони ҳисоби дубораи овозҳоро пешбинӣ наменамояд. Ба ғайр аз КИП, КМИР барои коммиссияҳои интихоботӣ дастуреро нисбат ба барраси арзу шикоятҳои баровард.

*Чаҳорчӯбаи қонунӣ тағйиротеро тақозо менамояд, ки масъалаи қисман мувофиқ омадани доираҳои қонунии судҳо ва коммиссияҳои интихоботиро аз байн бубарад. Имконияти ҳисоби дубораи овозҳо бояд ҳамчун чораи ислоҳкунандаи ҳуқуқӣ дар амал тадбиқ карда шавад. Механизми пурсамар барои мавриди баҳсу савол қарор додани натиҷаҳои интихобот бояд ба ҳамаи рақибони интихобот ва инчунин шаҳрвандони алоҳида дар асоси вуҷуд доштани ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ дар ҷараёни овоздиҳӣ дода шавад.*

Низоми ҳаллу фасли баҳсҳои интихоботӣ бинобар сабаби шумоари маҳдуди аризаҳои расмӣ бо таври кофӣ носанҷида боқӣ монд. Мувофиқи КМИР, он тариқӣ телнфонӣ зиёда аз 20 аризаҳои шикоятиро аз ҲНИТ нисбат ба монеаҳои дар рафти ҷамъоварии имзоҳо рӯ ба рӯ шудаашон қабул карданд. ҲНИТ бо аризаҳои шикоятии худ ба КҲИ ва КМИР муроҷиат намуда, аз онҳо посухи хаттӣ гирифтанд[73]. КМИР арзу шикоятҳоро аз дигар мукотибот алоҳида ба қайд гирифт, лекин шарти чунин ҷудокунӣ норавшан буд ва қарорҳои марбут ба масоили интихоботӣ бе шунавидани омма ба роҳ монда шуда буданд.

*Проседураҳои сару кор гирифтан бо шаклҳои гуногуни иртиботу комуникатсияҳои аз тарафи КМИР ва коммиссияҳои интихоботии сатҳи поёнтар бояд возеҳу равшан гардидад. Қарорҳо дар дилхоҳ иртиботи хаттӣ, ки ба ҳуқуқҳои овоздиҳандагон ва номзадон таъсир мерасонанд, бояд танҳо баъд аз шунавидани ҳарду ҷонибҳо мавриди чоп қарор гирад.*

Чораҳои ислоҳкунандаи ҳуқуқӣ дар хусуси вайрон кардани ҳуқуқҳои интихоботӣ дар қонун ба таври умумӣ оварда шудааст. Сарфи назар аз он, аризаҳо дар бораи вайрон намудани ҳуқуқҳои интихоботӣ таҳти Моддаи 260-и Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ танҳо дар муддати 40 рӯзи то санаи интихобот метавонанд қабул карда шаванд, ки ин ҳолат чораи ислоҳкунандаро дар 10 рӯзи аввали давраи ҷамъоварииии имзоҳо ва дар санаи интихобот номумкин мегардонад.

*Моддаи 260-и Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ тақозо менамоянд, ки маҳдудиятҳои вобаста ба вақтҳои аризаҳоро таҳти моддаи зикргардида аз байн бурда шаванд.*

Якчанд мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ аз набудани эътимод ба самаранокии низоми мавҷуда изҳор намуданд. ҲНИТ ду аризаи худро ба Суди конститутсионӣ ирсол намуд. Аризаи якум рафтори ашхоси давлатиро, ки дидаву дониста ба фаъолиятҳои ҳизб монеаҳо

---

71 Номзадон метавонанд натиҷаҳои интихоботро дар ҳавзаҳои интихоботии алоҳида ё дар сатҳи умумимиллӣ назди КМИР зери суол қарор дода, натиҷаҳоро беэътибор эълом кунанд.

72 Қисми 3.3.f-и Кодекси Коммиссияи Венетсия 2002 оид ба Таҷрибаи хуб дар масоили интихоботӣ чунин тавсияе пешниҳод мекунад, ки ҳамаи номзадҳо ва овоздиҳандагони дар ҳавзаҳои дахлдор қайдшуда бояд соҳиби ҳуқуқу имконияти шикоят кардан бошанд. Барои арзу шикоят кардани овоздиҳандагон аз болои натиҷаҳои интихоботҳо метавон ягон хел кворуми оқилонаро ҷорӣ намуд.

73 Аризаҳои даъвогие, ки ба як қатор КҲИ, аз ҷумла КҲИ-и 26 (Хуҷанд), КҲИ-и 27 (Исфара) ва КМИР бо дархости дохил наудани аъзоёни ҲНИТ ба коммиссияҳои интихоботӣ ирсол карда шуданд, рад карда шуданд. Яке аз аризаҳо ба КМИР дархост намудааст, ки проседураи ҷамъоварии имзоҳои овоздиҳандагони берун аз кишвар ба ҷонибдории номзадашон равшан карда шавад. КМИР чунин посух дод, ки ҳеҷ гуна заминаи ҳуқуқие барои ҷамъ овардани имзоҳои овоздиҳандагони хориҷи кишвар вуҷуд надорад.

эҷод мекарданд, мавриди эрод қарор дод, вале бинобар сабаби набудани доираи салоҳияти зарурӣ рад карда шуданд[74]. Аризаи дуюм ин танқиди муқаррароти КИП-ро роҷеъ ба талаботи тасдиқ гардидани варақаҳои имзоҷамъкунӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ дарбар гирифта, даъво намуданд, ки чунин талаботи доираи сарқонун берун ҳуқуқи тоҷикистониёни дар хориҷ бударо барои имзо гузоштан ба номзади арзандаи худ маҳду менамояд. Аризаи мазкур дар сартҳи мурофиавӣ бе шунидани сазовор рад карда шуд[75]. Аризаи шикоятии ҲНИТ ба суди ноҳиявии Душанбе аз болои Кумитаи давлатии радио ва телевизион ва шабакаҳои телевизионии давлатӣ низ дар сатҳи мурофиавӣ қатъ карда шуданд[76].

## XIV. РӮЗИ ИНТИХОБОТ

Рӯзи интихобот ботинҷиву оромӣ гузашт. Соати 10:00-и саҳарии 7 ноябр, КМИР иштироки тақрибии овоздиҳандагонро 86.6 фоиз эълон дошт. Дар санаи 13 ноябр, иштироки ниҳоӣ 90.1 фоизро ташкил дод.

Намояндагони номзадон дар 62 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда ҳузур доштанд, ки онҳо асосан ҲХДТ (дар 47 фоиз мавридҳои назорат), ҲКТ (17 фоиз), Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил (10 фоиз) ва Иттифоқи ҷавонон (10 фоиз)-ро ташкил менамуданд.

Гарчанде ки КИП ҳузури ашхоси берун аз аъзоёни КУИ-ро дар вақти кушодан, раъйдиҳӣ ва ҳисоб махсусан манъ намекунад, дар 8.1 фоиз ҳолатҳои назоратшуда кори коммиссияро нафарони берун аз аъзоёни КУИ зери роҳбарии худ доштанд ё ба кори коммиссия дахолат мекарданд, аз ҷумла ашхоси мақомоти маҳаллӣ (2.8 фоизи ҳоатҳоиназоратшуда), афсарони милитсия (2 фоиз), намояндагони ҳизбҳо (1.1 фоиз), инчунин "дигар одамон" аз қабили ёварони КУИ (4 фоиз)[77]. Ҷалби мақомоти маҳаллӣ, милитсия ва ҳарбиён, инчунин ёрдамчиёни гуногун дар ҷараёни рӯзи интихобот масъалаи мустақилият ва дахолатнопазирии КУИ-ро зери суол мегузорад.

### A. КУШОДАШАВӢ ВА ОВОЗДИҲӢ

Проседураи кушодан аз 82 участкаи интихоботӣ, дар 8-тоаш ба таври манфӣ арзёбӣ гардид. Проблемаҳои марбут ба проседураҳои кушодашавӣ такроран дар давоми рӯзи интихобот ба қайд гирифта шуданд, ки шояд қисман бо сабаби қоидаҳои норавшан рух доданд. Дар 10 фоиз ҳолатҳои назорат, бехатарии қуттиҳои варақаҳо бинобар сабаби набудани мӯҳри

74 Суди Конститутсионӣ рӯзи 4 октябр бо қарори худ асоснок карда чунин изҳор дошт, ки он дорои салоҳияти баррасии рафторҳои ашхоси давлатиро нест, чунки ин дар доираи салоҳияту ваколати судҳои муқаррарӣ вогузор шудааст.

75 Дар санаи 17 октябр, Суд қарор намуд, ки "ҳеҷ гуна мухолифате" дар байни Сарқонун ва муқаррароти дахлдори КИП вуҷуд надорад.

76 ҲНИТ дар санаи 19 сентябр, бо аризаи даъвогии худ аз болои КДТР ва шабакаҳои телевизионии давлатӣ ба суд муроҷиат намуда, талаб намуд, ки ҷавобгарон аз маъракаи манфионаи пахши хабарӣ ба зидди ҲНИТ даст кашида, изҳори маъзар кунанд. Суд аз доираи салоҳияти худ инро дар санаи 18 октябр рад намуда, изҳор дошт, ки шикояти мазкур да доираи салоҳияту ваколати Суди иқтисодии Душанбе мебошад.

77 Моддаи 35 ва 53 дастурамалҳои КМИР барои КУИ иҷозати ҷалб намудани ёрдамчиён дар рафти тартиб додани рӯйхатҳои овоздиҳандагон ва тақсимоти даъватномаҳо ба овоздиҳандагон пешбинӣ намудааст. Ҷалби одамони берун аз аъзоёни КУИ дар ҷараёни рӯзи интихобот дар участкаҳои интихоботии мазкур ба қайд гирифта шуд: КҲИ 4, 5, 18 ва 21.

мушкил, ки дар дастурамалҳои КМИР оварда шудааст, ба таври манфӣ арзёбӣ гардид[78]. Дар 20 фоиз ҳолатҳои назорат, варақаҳо то кушодани участкаҳои интихоботӣ ба таври бехатар нигоҳ дошта нашуданд. Дар 11 фоиз мавридҳои назоратшуда, лавҳаҳои расмии иттилоотӣ барои овоздиҳандагон дар бораи номзадон овехта нашуда буданд[79].

Нозирон рафти овоздиҳиро дар 14 фоиз участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда манфӣ арзёбӣ намуданд, ки ин нишондиҳанда назаррас буда, аз корҳои ғайримуқаррарии системавӣ дарак медиҳад. Аз миёни душвориҳои ҷиддӣ, татбиқ нагардидани процедураҳои пешгирикунандаи овоздиҳии чандкарата дониста шуд; овоздиҳӣ ба ҷои дигар кас дар 21 фоиз участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда мушоҳида гардид; раъйдиҳӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷати мушаххаскунанда дар 34 фоизи участкаҳо ба назар расид; силсилаи имзоҳои эҳтимолан монанд дар рӯйхатҳои овоздиҳандагон дар 40 фоиз мавридҳои назоратӣба мушоҳида расид; инчунин нишонаҳои ғайриқонунӣ партофтани варақаҳо ба қуттиҳои овоздиҳӣ дар 9 фоиз корҳои назоратӣ ба қайд гирифта шуд. Раъйдиҳии гурӯҳӣ (ё оилавӣ) дар 15 фоиз участкаҳои интихоботӣ баназар расида шуд, ки бештар ба занҳо таъсир расонд[80]. Кӯшиши тасъир расондан ба интихоби овоздиҳандагон хеле номунтазам ба мушоҳида мерасид, ҳудуди як фоиз. Қуттиҳои варақаҳо дар 23 фоиз участкаҳои интихоботии назоратшуда ба таври бояду шояд мӯҳр нагардида буданд. Ҳамаи корҳои ғайримуқаррарӣ дар саросари кишвар дар дараҷаи якхела ба қайд гирифта шуд, ба истиснои овоздиҳӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷати мушаххаскунанда, ки нисбат ба шаҳрҳо (21 фоиз) бештар дар деҳотҷойҳо (41 фоиз) ба назар мерасид.

*Кӯшишҳои якҷояи мақомот, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдори ба интихобот алоқаманд баҳри роҳ надодан ба таҷрибаҳои паҳнгашта ва доимӣ дар хусуси овоздиҳии ҷандкарата ва ба ҷои дигар кас амри зарурӣ дониста мешавад. Қоидавайронкунии ҷиддӣ дар рӯзи интихобот бояд таъҷмлан мавриди кашф қарор гиранд, чунки ин гуна таҷрибаҳо масъалаи мукаммалиро дар раванди интихобот коста мегардонад. Қонунвайронкунандагон, аз ҷумла аъзоёни коммиссияҳои интихоботӣ, ки дар чунин таҷрибаҳо даст доранд ё ба онҳо таҳаммул доранд, бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд.*

Дар шаш фоиз участкаҳои интихоботии назоратшуда, на ҳамаи давраҳо ба нозирон айён буда, сатҳи шаффофияти ин ҷараёнро паст мегардонад. Қариби 41 фоизи участкаҳои интихоботӣ ҳамчун дастрас набудан ба одамониимконияташон маҳдуд ба қайд гирифта шуданд.

## B. ҲИСОБИ ОВОЗҲО

Ҷараёни ҳисоб дар 45 фоиз мавридҳоиназоратӣ манфӣ арзёбӣ гардид. Дар умум, баҳодиҳӣ мушкилиҳои ҷиддиеро дар татбиқи ягонаи процедураҳо нишон медиҳад.

---

78 Ба замми ин, гузоришҳои зиёде қайд намуданд, ки қуттиҳо дар аксари ҳолатҳо ба қадри кофӣ сахту боқувват набудан, ивази онҳо мавриди зарурат қарор гирифт.

79 Азбаски маъракагузаронӣ дар рӯзи интихобот манъ аст, ба КУИ дастур дода шуд, ки лавҳаҳои дар бораи номзадонро аз иншоотҳои интихобот дур созанд, ки ин боиси бе иттиллоот мондани овоздиҳандагон дар бораи рақибон дар участкаҳои интихоботӣ гардид.

80 Кумитаи СММ оид ба аз байн бурдани табъиз бар зидди занҳо аз Тоҷикистон талаб намуд, ки "чораи ҳифзкунандаи ҳуқуқиеро барои пешгирии таҷрибаи овоздиҳии оилавӣ таъсис диҳанд ва маъракаи маърифатиеро барпо намоянд, то ки барои омма фаҳмонанд, ки ба ҷои нафари дигар овоз додан ғайри қабул буда, он метавонад ба бекор гардидани натиҷаҳои интихобот оварда расонад". Нигаред ба: www.unhchr.ch/tbs/doc.nsf/(Symbol)/CEDAW.C.TJK.CO.3.En?Opendocument.

Якчанд участкаҳои интихоботӣ барвақт маҳкам карда шуданд, ки бар хилофи КИП мебошад[81]. Фақат нисфи КУИ-иназоратшуда проседураҳои пешбинишудаи пушидашавиро риоя намуданд. Дар бисёр мавридҳо, ҷораҳои пешгирикунандаи зарурӣ риоя нагардида, маънои онро дорад, ки ба ҳисоби бовиҷдонаи тибқи Моддаи 7.4-и Санади КопенҳагенииСАҲА 1990 тақозошаванда кафолат додан номумкин аст. Ин дар рӯйхатҳои овоздиҳандагон ҳисоб накардани имзоҳоро аз ҷониби коммиссияҳо (37 ҳолати назоратӣ), бекор накардани варақаҳои истифоданашуда (дар 35 участкаҳои назоратшудаи интихоботӣ), ба ҳисоб нагирифтани варақаҳои истифоданашуда (дар 20 участкаҳои назоратшудаи интихоботӣ), дуурст ҳисоб накардани варақаҳо аз рӯи номзадон (20 ҳолати назоратӣ), инчунин нишон надодани мустаҳкам мӯҳр задани қуттии варақаҳоро қабл аз кушодашавӣ (10 ҳолати назоратӣ) дарбар мегирад. Дар 18 мавриди ҳисоб, нозирон нишонаҳои ғайриқонунӣ партофтани варақаҳо ба қуттиҳои овоздиҳиро диданд. Дар 17 ҳолати ҳисоб, нозирон дараҷаи фаҳмиши КУИ оид ба проседураҳои пушидашавиро манфӣ арзёбӣ намуда, сифати иҷроиши кори онҳо дар 19 мавред ба таври манфб баҳогузорӣ гардид. Варақаҳо дар ҳафт ҳолати ҳисоби назоратшуда бо усули асоснок ва мувофиқ муайян нашуданд.

*Проседураи пушидани участкаҳои интихоботӣ ва ҳисоби варақаҳои раъйдиҳӣ бояд бо роҳи муфассалтар ва тренингҳои омӯзишӣ барои КУИ дар боби ҳисобкунӣ ба танзим даровarda шавад. Усули ботафсили "қадам ба қадам" дар ҳисоб ба тадбиқи проседураҳои умумӣ, шаффоф ва боэътимод хеле мусоидат мекунад.*

Дар протоколҳои натиҷаҳои КУИ сабт намудани фақат иттилооти асосӣ ва ҷамъбастнамоиро то ҳадди имкон иҷозат медиҳад. Дар 25 ҳолати назоратшудаи ҳисоб, КУИ дар пур намудани протоколҳои натиҷаҳо мушкили кашида, дар 17 ҳолат протокол бо ранг пур карда нашуда буд, ки аз доираи талаботи дастурамалҳои КМИР берун мебошад. Нусхаҳои пешакӣ имзошуда дар 18 ҳолат ба мушоҳида расид.

*Масъалаи баррасии шакли протоколҳои натиҷаҳои КУИ-ро бо мақсади зиёд намудани шумораи иттилооти сабтшуда ва инчунин таъмини тафтишотҳои самараноки натиҷаҳои сабтшудаи овозҳоро метавон ба миён гузошт. Протоколҳои натиҷаҳо бояд дар баробари дигар чизҳо, ҷузъҳои алоҳидаи ифодакунандаи тағйиротҳо дар рӯйхати овоздиҳандагон, иттилооти муфассал доир ба овоздиҳии пешакӣ ва мобилӣ, инчунин дар бораи варақаҳои бекоргардида ва беэътиборшударо дарбар гирад.*

Шаффофияти ҷараёни мазкур дар 25 ҳолатҳо ба таври манфӣ арзёбӣ гардида, аз рӯи мушоҳидаи гузориши нозирон дар 13 участкаи интихоботӣ проседураҳои ҳисоб барои онҳо норавшан боӣ монд. Тибқи мушоҳидаҳои 35 участкаи интихоботӣ, КУИ протоколи натиҷаҳоро барои шиносоии омма наовехтанд, ки ин бархилофи талаботи КМИР маҳсуб меёбад.

## C. НАТИҶАБАРОРӢ ВА ЭЪЛОНИ НАТИҶАҲО

Ҷараёни натиҷабарорӣ аз 68 КҲИ дар 62-тои он мавриди назорат қарор гирифт[82]. Ҳеҷ гуна проседураи муфассале оид ба интиқоли маводҳои марбут ба интихобот ва баррасии

---

81 Ба участкаҳои алоҳидаи интихоботӣ, ки дар онҳо тамоми интихобкунандагон дар рӯйхати овоздиҳандагон овоз доданд, иҷозати маҳкам крданро доданд. Ҳудуди 13 ҳолати пушидашавии барвақт ба мушоҳида расид, ки ин хоси участкаҳои муқаррарӣ буданд, масалан участкаи интихоботӣ дар КҲИ 10, 11, 16.

82 Дар санаи 7 ноябр, баъд аз пахши Изҳороти мушоҳидаҳо ва хулосаҳои аввалин як миқдор гузоришҳо оид ба назорат аз болои овоздиҳӣ, ҳисоб ва натиҷабарорӣ ба даст оварда шуда, мавриди пайгирӣ қарор гирифтанд.

протоколҳои КУИ оид ба натиҷаҳо дар сатҳи КҲИ вуҷуд надорад. Нозирон хабар доданд, ки дар 36 ҳолат протоколҳои КУИдар сатҳи КҲИ ислоҳ гардиданд, ки 25-тои он куллан дар биноҳои КҲИ пур карда шуданд. Ҷараёни умумӣ дар даҳ КҲИ ба таври манфӣ баҳогузорӣ гардид. Назорат дар шаш ҳолат номумкин ё маҳдуд буд.

*Баҳри таъмини этимоди комил ба мукаммалии натиҷаҳо, барои коркарди протоколҳои КУИ ва КҲИ оид ба натиҷаҳо бояд процедураҳои муфассали таъсис дода шаванд. Раванди натиҷабарорӣ бояд ба таври кушод гузаронда шавад, ки он назорати асоснок аз болои ин равандро таъмин намояд.*

Дар санаи 13 ноябр, дар доираи мӯҳлати даҳрӯза, КМИР натиҷаҳои ниҳоии расмиро дар сомонаи худ, рӯзномаои парлумонӣ, инчунин шабакаҳои телевизионии миллӣ пахш намуд. КМИР натиҷаҳои интихоботро аз рӯи ҳавза ва участкаи интихоботӣ ба нашр нарасонд, ки ин шаффофияти натиҷаҳоро коҳиш дода, имконияти ҷонибҳои манфиатдорро ҷиҳати пешниҳод намудани арзу шикоятҳои дар мавриди поймол шудани ҳуқуқҳои интихоботӣ пайдошаванда маҳдуд намуд. ҲСДТ изҳор намуд, ки он аз рӯи натиҷаҳои интихобот арз намуда, шумораи воқеии иштироки овоздиҳандагон аз 50 фоизи зарурӣ дида хеле кам буд.

*Баҳри баланд бардоштани сатҳи шафофият ва эътимод ба натиҷаҳои интихобот, натиҷаҳои пешакӣ ва ниҳоӣ бояд аз рӯи участкаи интихоботӣ ва ҳавза интишор шаванд. Натиҷаҳо бояд шумораи умумии овоздиҳандагон ва иштироки дар ҳар як участкаи интихоботӣ, инчунин шумораи овозҳои боэътибор ва беэътибор, овозҳои додашуда ба ҳар як номзад, миқдори варақаҳои раъйдиҳӣ корношоямшударо дарбар гирад.*

## XV. ТАВСИЯҲО

Ҳадаф аз додани ин тавсияҳо, ки дар саросари матни мазкур дарҷ гардидаанд, ин баланд бардоштани рафтори интихоботҳо дар Тоҷикистон ва дасгирӣ намудани кӯшишҳои дахлдор баҳри мутобиқ сохтани онҳо бо ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмилалӣ марбут ба интихоботҳои демократӣ мебошад. Тавсияҳои мазкур бояд дар якҷоягӣ бо тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ, ки тадбиқ ногардида монданд, омӯхта шаванд. САҲА/ДИДҲБ омодагии худро барои кӯмак кардан ба мақомоти Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани ҷараёни интихоботӣ ва тадбиқи тавсияҳои дар гузориши мазкур ва гузоришҳои қаблӣ дарҷгардида изҳор менамояд.

### A. Тавсияҳои Аввалиндараҷа

1. Заминаи ҳуқуқӣ азназаргузаронии ботафсилро бо мақсади тадбиқи тавсияҳои қаблӣ ва кунунии САҲА/ДИДҲБ баҳри бештар мутобиқ сохтани он бо ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмиллалии марбут ба интихоботҳои демократӣ тақозо менамояд. Метавон масъалаи ҳамаи қонунгузориҳои марбут ба интихоботро дар як кодекси умумӣ ҷой доданро мавриди баррасӣ қарор дод. Ислоҳотҳо бояд ба таври иштироки комилан васеъ ва шаффоф пеш аз вуқӯи интихоботҳои оянда амалӣ карда шаванд.

2. Барои пешбарӣ ва таъин намудани коммиссияҳои интихоботӣ бояд талаботҳои возеҳу равшан муқаррар карда шавад. Қонун бояд кафолати онро диҳад, ки коммиссияҳои интихоботӣ дар ҳақиқат аз ҳукумат новобаста бошанд, ба қадри кофӣ ширкати васеъро таъмин намоянд ва гуногунфикриро бо мақсади ба даст овардани эътимоди калон ба кори худ талқин намоянд. Масъалаи ворид намудани механизмҳоеро, ки

иштироки бештари занҳоро дар идоракунии интихобот, аз ҷумла дар нақшҳои ҳалкунанда таъмин менамояд, метавон баррасӣ намуд.

3. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дақиқӣ ва мукаммалии қайди овоздиҳандагон бо мақсади пуштибонӣ аз баробарӣ дар ҳуқуқҳои интихоботӣ баланд бардошта шавад. Бо мақсади возеҳу равшан муайян намудани он, ки кадом ҳуҷҷатҳои мушаххаскунанда барои дар рӯйхати овоздиҳандагон ворид кардан боэътибор дониста шаванд, проседураҳо бояд таҷдид гарданд. Овоздиҳандагони қобили қабул набояд аз рӯйхатҳои овоздиҳандагон бе ягон талаботи махсуси қонунӣ хориҷ карда шаванд ё алоҳида нишон дода шаванд.

4. Маҳдудиятҳои беасоси ҳуқуқ ба интихоб шудан бояд аз чаҳорчӯбаи қонун дур карда шаванд. Масъалаи баланд бардоштани талаботи вобаста ба истиқомат бояд баррасӣ карда шавад ва талаботи забондонӣ бояд тибқи муқаррароти муфассал ва воқеъбинона танзим карда шавад. Илова бар ин, номзадони худпешбаришуда бояд дорои ҳуқуқи ширкат дар интихоботро дошта бошанд.

5. Бо мақсади рушду равнақи муҳити маърака, монеаҳои беасоси боқимонда доир ба озодии сухан бояд аз чаҳорчӯбаи қонун берун карда шавад.

6. Васоити хабарии давлатӣ тавассути пахшҳои иттилоотӣ ва барномаҳои роҷеъ ба масъалаҳои умумиҷамъиятӣ бояд кӯшиши бештареро ба харҷ диҳанд, ки иттилооти бетарафона ва баробарвазнро дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо пешкаш намоянд. Пахши Президенти кунунӣ бояд дар доираи принсипҳои баробаробарӣ баҳри таъмини сатҳи майдони бозӣ барои номзадҳо ба танзим дароварда шавад.

7. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шаффофият дар ҷараёни интихобот, қонун тағйиру иловаҳоро ҷиҳати таъмини назорати бетарафона аз ҷониби шаҳрвандон тақозо менамояд.

8. Кӯшишҳои якҷояи мақомот, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдори ба интихобот алоқаманд баҳри роҳ надодан ба таҷрибаҳои паҳнгашта ва доимӣ дар хусуси овоздиҳии ҷандкарата ва ба ҷои дигар кас амри зарурӣ дониста мешавад. Қоидавайронкунии ҷиддӣ дар рӯзи интихобот бояд таъҷмлан мавриди кашф қарор гиранд, чунки ин гуна таҷрибаҳо масъалаи мукаммалиро дар раванди интихобот коста мегардонад. Қонунвайронкунандагон, аз ҷумла аъзоёни коммиссияҳои интихоботӣ, ки дар чунин таҷрибаҳо даст доранд ё ба онҳо таҳаммул доранд, бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

9. Баҳри баланд бардоштани сатҳи шафофият ва эътимод ба натиҷаҳои интихобот, натиҷаҳои пешакӣ ва ниҳоӣ бояд аз рӯи участкаи интихоботӣ ва ҳавза интишор шаванд. Натиҷаҳо бояд шумораи умумии овоздиҳандагон ва иштироки дар ҳар як участкаи интихоботӣ, инчунин шумораи овозҳои боэътибор ва беэътибор, овозҳои додашуда ба ҳар як номзад, микдори варақаҳои раъйдиҳӣ корношоямшударо дарбар гирад.

## B. ТАВСИЯҲОИ ДИГАР

### ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ

10. Масалаи аз байн бурдани талаботи вобаста ба сатҳи иштирок барои боэътибор хондани интихоботҳоро метавон мавриди баррасӣ қарор дод. Ин метавонад садди

роҳи эҳтимолияти рух додани интихоботҳои беэътиборшудаи аз ҳисоби гардиши нокифояи руходдаро гирифта, ба тадбиқи таҷрибаи хатокоронаи интихоботӣ мусоидат накунад.

**ИДОРАКУНИ ИНТИХОБОТ**

11. Механизмҳое, ки тадбиқи ягонаи қонунгузории марбут ба интихоботро таъмин менамоянд, бояд мустаҳкам карда шаванд. Аз рӯи имконият, КМИР бояд ба ҷои дастурамалҳои норавшан тартибу қоидаҳое қабул намояд, ки муқаррароти қонуниро матраҳ кунанд. Ин бояд қоидаҳои ҷамъбасткунии рӯйхатҳои овоздиҳандагон, нашр ва тақсимоти варақаҳои овоздиҳӣ, маҳкам кардани овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо, пур намудани протоколҳо дар сатҳи КУИ ва КҲИ, инчунин натиҷабароριҳо дар КҲИ ва КМИР-ро дарбар мегирад.

12. Масъалаи истифодаи варақаҳои муқарраиро барои овоздиҳии пешакӣ метавон мвриди баррасӣ қарор дод. Ин бошад, ҳамоҳангсозии давраҳои овоздиҳии пешакӣ ва нашри варақаҳои муқарраририро тақозо хоҳад кард.

13. Баҳри баланд бардоштани шаффофият, ҳамаи қарорҳои КМИР ва дигар иттилооти муҳими марбут ба интихоботро метавон дар сомонаи КМИР ҷой кард.

**ҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН**

14. Феҳристи марказонидашудаи овоздиҳандагонро метавон таҳия намуд ва онро мунтазам таҷдид намуда, то ки ба санҷиши дутарафа имкон дода, норасоиҳоро ба мисли ворид намудани чандкарата пешгирӣ намояд.

15. Бо мақсади беҳтар намудани масъалаи мукаммалии рӯйхатҳои овоздиҳандагон, мақомот метавонистанд иттилооти марбут ба қайди овоздиҳандагонро аз рӯи ҳавза ва гурӯҳи овоздиҳанда, аз ҷумла аз рӯи ҷинс, ва инчунин аз рӯи шумораи ботафсили овоздиҳандагон қабл аз кушодани участкаҳо барои омма пешкаш намояд.

**ҚАЙДГИРИИ НОМЗАДОН**

16. Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи баназаргирӣ, проседураҳои ҷамъоварӣ ва санҷиши имзоҳо бояд содда карда шавад ва мӯҳлати пешбирии номзадонро метавон тамдид намуд. Барои беэътибор донистани имзоҳо бояд талаботи равшан ва воқеъбинона муқаррар гардад. Чунин қоидаҳо бояд ба қадри зарурӣ пеш аз баргузории интихоботҳо барои омма дастрас бошанд.

17. Мувофиқи таҷрибаҳои пешқадами интихоботӣ, шумораи имзоҳои ба тарафдории номзадон ҷамъшуда метавонад кам гардад. Маҳдудияти он ки шаҳрвандон танҳо барои як номзад метавонанд имзо кунанд, аз байн бурда шавад ва овоздиҳандагони дар хориҷи кишвар қарордошта бояд имкони дар ҷараёни имзоҷамъкунӣ ширкат карданро дошта бошанд.

**МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ МАЪРАКАИ ТАШВИҚОТӢ**

18. Мақомоти дахлдор бояд чораҳои пешгирикунандаро баҳри равшан гардондани фарқи байни Давлат ва ҳизб андешанд; то ба пешгирии номзадҳоро аз истифодаи авзалияти фаъолияти кориашон барои мақсадҳои интихоботӣ равона бошанд. Мақомоти

маҳаллӣ бояд нақши худро дар расондани дастгирии амалӣ ба номзадон ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳангоми ташкил намудани ҷорабиниҳои маъракавиашон маҳдуд намоянд.

19. Маърифати овоздиҳандагон ва шаҳрвандиро бо мақсади ҳавасмандгардонии занҳо, ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои иштироки фаъолтар дар ҷараёни интихобот метавон боз ҳам баланд бардошт. Ин иқдомро мақомоти дахлдор, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд пиёда созанд.

20. Бо мақсади рушди шаффофият дар самти маблағгузории маърака, аз ҳамаи номзадон ва сохторҳои пешбарикунанда тақозо кардан метавон, ки тамоми саҳмҳои маърака ва хароҷотҳои худро саривақт мавриди шиносоии омма қарор диҳанд. Мувофиқи таҷрибаҳои пешқадам, масъалаи ворид намудани ҳисоботҳои пешакии молиявиро то рӯзи интихобот бо мақсади хабар додани овоздиҳандагон дар бораи маблағгузории маъракаҳо пеш аз додани овози худ баррасӣ намуд.

21. Қонунгузорӣ тағйиру иловаҳоеро тақозо мекунад, ки муқарраротӣ марбут ба маблағгузории маърака ба рақибон авзалияти номутаносиб ва аз ҳад зиёдро намедиҳад.

22. Ба ягон намуд сохтори мустақили касбӣ салоҳият ва захираҳое метавон дод, ки ҳисоботҳои молиявии маъракаҳоро одилона ва воқеъбинона мавриди аудит қарор диҳад.

## Ахбори Омма

23. Бо мақсади дастрасӣ ёфтани омма ба фикру ақидаҳои мухталиф, давлат метавонад масъалаи таъсиси хизматрасонии пахши кушоди радиову телевизиониро бо назардошти озодиҳои кофии молиявӣ ва таҳрирӣ аз ҷониби ҳукумат баррасӣ намояд.

24. Сохторҳои давлатӣ бояд аз дахолат ба кору фаъолиятҳои матбуот даст кашанд. Нашрияҳои матбуотӣ бояд тавонанд, ки фаъолияти худро бидуни ҳар гуна тарсу ҳаррос ва фишор, чӣ байни интихоботҳо ва чӣ дар давоми марҳилаҳои интихобот ба роҳ монанд.

25. Бо мақсади фароҳам овардани имконият ба овоздиҳандагон барои муқоиса ва фарқ намудани номзадон ва барномаҳои онҳо, миёни номзадони рақиб баҳсҳои ҳақиқиро дар марҳилаи пеш аз интихобот метавон талқин кард.

## Иштироки Ақкалиятҳои Миллӣ

26. Ба таври кофӣ намояндагӣ намудани ақкалиятҳои миллӣ дар коммиссияҳои интихоботӣ бояд таъмин карда шавад, алалхусус дар минтақаҳое, ки дорои шумораи зиёди аҳолӣ аз ҳисоби ақкалиятҳои миллӣ мебошанд.

27. Масъалаи таъмини маводҳои иттилоотӣ ва марбут ба интихобот ба овоздиҳандагон бо забонҳои ақкалиятҳои миллӣ бояд баррасӣ карда шавад, махсусан дар ҷойҳое, ки шумораи зиёди аҳолии ақкалиятҳои миллӣ сукунат доранд. Ин боиси баланд гардидани сатҳи фаҳмиши тамоми ҷомеаҳо нисбат ба ҷараёни интихобот мегардад.

## НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

28. Дастурамалҳои КМИР бояд ҳуқуқи нозиронро барои гузарондани назорати пурраи ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни интихобот пешбинӣ намояд.

## АРЗУ ШИКОЯТҲО

29. Чаҳорчӯбаи қонунӣ тағйиротеро тақозо менамояд, ки масъалаи қисман мувофиқ омадани доираҳои қонунии судҳо ва коммиссияҳои интихоботиро аз байн бубарад. Имконияти ҳисоби дубораи овозҳо бояд ҳамчун чораи ислоҳкунандаи ҳуқуқӣ дар амал тадбиқ карда шавад. Механизми пурсамар барои мавриди баҳсу савол қарор додани натиҷаҳои интихобот бояд ба ҳамаи рақибони интихобот ва инчунин шаҳрвандони алоҳида дар асоси вуҷуд доштани ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ дар ҷараёни овоздиҳӣ дода шавад.

30. Проседураҳои сару кор гирифтан бо шаклҳои гуногуни иртиботу комуникатсияҳои аз тарафи КМИР ва коммиссияҳои интихоботии сатҳи поёнтар бояд возеҳу равшан гардидад. Қарорҳо дар дилхоҳ иртиботи хаттӣ, ки ба ҳуқуқҳои овоздиҳандагон ва номзадон таъсир мерасонанд, бояд танҳо баъд аз шунавидани ҳарду ҷонибҳо мавриди чоп қарор гирад.

31. Моддаи 260-и Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ тақозо менамоянд, ки маҳдудиятҳои вобаста ба вақтҳои аризаҳоро таҳти моддаи зикргардида аз байн бурда шаванд.

## РӮЗИ ИНТИХОБОТ

32. Проседураи пушидани участкаҳои интихоботӣ ва ҳисоби варақаҳои раъйдиҳӣ бояд бо роҳи муфассалтар ва тренингҳои омӯзишӣ барои КУИ дар боби ҳисобкунӣ ба танзим даровaрда шавад. Усули ботафсили "қадам ба қадам" дар ҳисоб ба тадбиқи проседураҳои умумӣ, шаффоф ва боэътимод хеле мусоидат мекунад.

33. Масъалаи баррасии шакли протоколҳои натиҷаҳои КУИ-ро бо мақсади зиёд намудани шумораи иттилооти сабтшуда ва инчунин таъмини тафтишотҳои самараноки натиҷаҳои сабтшудаи овозҳоро метавон ба миён гузошт. Протоколҳои натиҷаҳо бояд дар баробари дигар чизҳо, ҷузъҳои алоҳидаи ифодакунандаи тағйиротҳо дар рӯйхати овоздиҳандагон, иттилооти муфассал доир ба овоздиҳии пешакӣ ва мобилӣ, инчунин дар бораи варақаҳои бекоргардида ва беэътиборшударо дарбар гирад.

34. Баҳри таъмини этимоди комил ба мукаммалии натиҷаҳо, барои коркарди протоколҳои КУИ ва КҲИ оид ба натиҷаҳо бояд проседураҳои муфассали таъсис дода шаванд. Раванди натиҷабарорӣ бояд ба таври кушод гузаронда шавад, ки он назорати асоснок аз болои ин равандро таъмин намояд.

# ЗАМИМА: НАТИҶАҲОИ НИҲОӢ

КМИР натиҷаҳои ниҳоии расмиро чунин эълон дошт:[83]

- Шумораи раъйдиҳандагони қайдшуда – 4,201,156 (дар хориҷ - 159,6570)
- Шумораи овозҳои додашуда – 3,787,703 (дар хориҷ - 147,647); сатҳи иштирок 90.1 фоиз
- Шумораи овозҳои беъэтибо – 39,403 (1 фоиз)

| Номзадон[84] | Шумораи овозҳо | Фоиз |
|---|---|---|
| Бобоев Олимҷон | 143,231 | 3.82% |
| Бухоиев Толибек Аҳмадович | 168,313 | 4.49% |
| Ғаффоров Абдуҳалим | 55,516 | 1.48% |
| Исмонов Сайдҷаъфар Исмонович | 39,334 | 1.05% |
| Талбаков Исмоил Иброҳимович | 184,653 | 4.93% |
| Эмомалӣ Раҳмон | 3,157,253 | 84.23% |

83 Манбаъ: http://tj.kmir.tj/.
84 Тартиби номнависи номзадон дар ҷадвали мазкур мисли тартиби дар варақаҳои расмӣ иншошудаи исми онҳо мебошад.

## ДАР БОРАИ САҲА/ДИДҲБ

Дафтари САҲА оид ба Институтҳои Демекратӣ ва Ҳуқуқи Башар (САҲА/ДИДҲБ) ҳамчун институти асосии САҲА буда, Давлатҳои ширкаткунандаро дар самти "эҳтироми комил ба ҳуқуқи башар ва озодиҳои заминавӣ, тарғибу риоя намудани волоияти қонун, талқини принсипҳои демократия ва (...) барои метаъсис, таҳким ва ҳифзи институтҳои демократӣ, инчунин рушди таҳаммулпазирӣ дар саросари ҷомеа"кӯмак менамояд (Санади Ҷаласаи Ҳелсинки 1992).

САҲА/ДИДҲБ, ки дар Варшава (Полша) воқеъ аст, ба сифати Дафтар оид ба Интихоботҳои Озод дар Ҷаласаи Париж 1990 таъсис гардида, фаъолияти худро аз моҳи маи соли 1991 шурӯъ намуд. Бо гузашти як сол, номи Дафтар бо мақсади инъикос намудани ҳадафҳои бештари худ дар боби ҳуқуқи башар ва демократикунонӣ тағйир дода шуд. Ани замон дар он зиёда аз 130 корманд кору фаъолият доранд.

САҲА/ДИДҲБ муассисаи роҳбаладӣ Аврупо дар самти **назорати интихобот** дониста шудааст. Ҳар сол он ҳазорон нозиронро баҳри санҷиши он сафарбар менамояд, ки оё интихоботҳо дар минтақаи САҲА мутобиқи ӯҳдадориҳои САҲА, дигар меъёрҳои байналмилалӣ оид ба интихоботҳои демократӣ ва қонунгузориҳои миллӣ гузаронда мешаванд ё не. Тавассути усули нодири он ҷараёни интихоботӣ ба таври чуқуру муфассал мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Тавассути лоиҳаҳои кӯмаккунанда, САҲА/ДИДҲБ ба Давлатҳои ширкаткунанда ҷиҳати беҳдошти заминаи интихоботиашон кӯмак мекунанд.

Фаъолиятҳои **демократикунонии** Дафтар аз инҳо иборат мебошанд: волоияти қонун, дастгирии қонунгузорӣ, идоракунии демократӣ, муҳоҷират ва озодӣ ба ҳаракат, инчунин баробарии гендерӣ. САҲА/ДИДҲБ ҳамасола як қатор барномаҳои кӯмакии мақсаднокро татбиқ намуда, барои рушди сохторҳои демократӣ саъю кӯши менамояд.

Илова бар он, САҲА/ДИДҲБ Давлатҳои иштироккунандаро дар иҷро намудани вазифаҳояшон дар роҳи рушду ҳифзи **ҳуқуқи башар ва озодиҳои заминавӣ** тибқи ӯҳдадориҳои САҲА оид ба андозаи инсонӣ дастгирӣ менамояд. Ин ҳадаф тавассути кор бо гурӯҳи гуногуни шарикон барои равнақ додани ҳамкорӣ, сохтани иқтидор ва пешкаш намудани машварати касбӣ дар ҷабҳаҳои мавзӯӣ, аз ҷумла ҳуқуқи башар дар мубориза бо терроризм, таҳкими ҳифзи ҳуқуқи башари ашхоси қурбони одамфурӯшон, маърифат ва тренинги марбут ба ҳуқуқи башар, мониторинг ва додани ҳисоботҳо доир ба ҳууқи башар, инчунин ҳуқуқи башар ва амнияти занҳо ба даст меояд.

Дар соҳаҳои **таҳаммулпазирӣ ва мубориза бо табъиз**, САҲА/ДТДҲБ ба Давлатҳои ширкаткунунда дар таҳкими чораҷӯии онҳо бар зидди ҷиноят ва ҳодисаҳои нохуши нажодпарастӣ, ксенофобия, анти-Семитизм ва дигар шаклҳои таҳаммулнопазирӣ кӯмак менамояд. Фаъолиятҳои САҲА/ДИДҲБ марбут ба таҳаммулпазирӣ ва мубориза бо табъиз дар доираи самтҳои мазкур ба роҳ монда шудаанд: қонунгузорӣ, тренинг дар боби татбиқи қонун; мониторинг, пешкаш намудани ҳисобот ва пайгирии чораҷӯиҳои зидди ҷиноятҳои ҷалбкунанда ва ҳолатҳои нохуш; инчунин корҳои маърифатӣ ҷиҳати ривоҷу равнақи таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ва якдигарфаҳмӣ.

САҲА/ДИДҲБ ба Давлатҳои иштироккунанда дар бораи сиёсатҳои онҳо нисбат ба халқиятҳои **Лулӣ ва Синтӣ** маслиҳатҳо медиҳад. Он сохтани иқтидор ва таъсиси шабакаҳоро дар байни ҷомеаҳои Лулиҳо ва Синтиҳо тарғиб намуда, ширкати намояндагони Лулӣ ва Синтиро дар сохторҳои қароргиранда равнақ медиҳад.

Тамоми фаъолиятҳои ДИДҲБ дар доираи ҳамоҳангсозӣ ва ҳакоии зич бо Давлатҳои аъзои САҲА, институтҳо ва самтҳои кории САҲА ва инчунин дар ҳамкоӣ бо дигар созмонҳои байналхалқӣ иҷро мегарданд.

Барои тафсилоти бештар нигаред ба сомонаи ДИДҲБ (www.osce.org/odihr).